БОНКДОРИ ТОҶИКРО КӢ ДУЗДИД? с.11

САФОРАТИ ТОҶИКИСТОН МЕКӮЧАД с.4

ДАР ДУШАНБЕ АРЗОНӢ МЕШАВАД? с.5


ТОҶИКИСТОН

№26-27 (1538)
05.07.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



ПУЛИ НАҚД АЗ БАЙН МЕРАВАД?!



Тоҷикистон ба низоми нав омода аст ё не?

ДАР ИН ШУМОРА:

WI-FI-И РОЙГОН
Дар кадом нуқтаи пойтахт он дастрас аст? с.5

АЗ ТАҲСИЛИ ГАРОН ТО ТАЪМИНИ КОР
Мусоҳиба бо ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур с.4

72 МИЛЛАТ
Чаро Ислом пора шуд? с.6

ИҚТИСОДИ ХУШБАХТӢ
Оё роҳи Бутан моро ба мурод мерасонад? с.8

РӮЗИ СИЁҲИ МУҲОҶИР
Падар дар зиндон, писари 6-солаашро куштанд с.11

ТАРБУЗА
Аз далелу арқом то хурофот с.12

НУРҲОИ ОДАМСӮЗ
10 қоидаро риоя намову солим бош! с.12

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
сахифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

КОҲИШИ АРЗИШИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ПАС АЗ ИНТИҚОДИ ПРЕЗИДЕНТ

Дар пайи интиқоди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз нархи хизматрасониҳои алоқаю интернет, мақомот нархҳоро поин бурданд.

Муовини раиси Хадамоти алоқаи Тоҷикистон Илҳомҷон Атоев ба расонаҳо иттилоъ дод, ки дар пайи ҳамкории ниҳодаш бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ ба таври миёна арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ то 15% кам карда шуданд.

Ахиран дар Тоҷикистон қонуни нав "Дар бораи алоқаи баркӣ" қабул шуд, ки яке аз ҳадафҳои он таъмини рақобати озоду бовиҷдонона мебошад.

Ин дар ҳолест, ки ахиран Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз сифати интернету алоқа ва нархи он изҳори норозигӣ кард. Ӯ дар ҷаласаи васеи ҳукумат супориш дод, ки нархи интернету алоқаи мобилӣ дар чумҳурӣ поину сифаташон бало бурда шавад. Хадамоти алоқа барои коҳиши арзиши алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар вазифадор гардидааст.

ШИКОЯТ ДОРЕД? БА ВАЗИРИ МАОРИФ МУРОҶИАТ КУНЕД!

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар мавриди бе тарҷумаи шиноснома надодани шаҳодатномаи хатм ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ вокуниш нишон дод.

Бино ба иттилои вазорат, талаби тарҷумаи шиноснома ба забони русӣ барои додани шаҳодатномаи хатм дар ягон санади меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи фаъолияти соҳаи маориф ва илм оварда нашудааст.

Инна Сафронова, директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 оид ба матлаби мазкур зикр кард, ки ҳадаф аз талаби тарҷумаи шиноснома - ин бехато пур кардани қисмати русии шаҳодатномаи хатм мебошад. Зеро вақтҳои охир, махсусан, дар мавриди дар ному насаб мавҷуд будани ҳарфҳои "қ", "ҷ", "ҳ", "ғ" дар ҳолати баргардонидан ба забони русӣ боиси ба вуҷуд омадани баъзе хатоҳои имлоӣ мегардад.

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ба шаҳрвандон мурочиат кард, ки ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият дар баробари шиноснома метавонанд шаҳодатномаи таваллуди худро низ, ки дар он ному насаби шаҳрванд ба забони русӣ дарҷ гардидааст, пешниҳод намоянд. Ҳангоми аз ҷониби маъмурияти муассисаҳои таълимӣ талаб кардани тарҷумаи шиноснома ба забони русӣ ба Вазорати маориф ва илм мурочиат намоянд ва ё ба рақами телефони боварӣ 227-76-86 дар тамос шаванд.

СОДИРОТИ МОЛИ ТОҶИКИСТОН БА ХОРИҶА КОҲИШ ЁФТ

Аз моҳи январ то моҳи майи соли ҷорӣ Тоҷикистон ба маблағи 560 миллион доллар либос ва ашёи хом содир кард. Ин омор нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 34% камтар аст.

Коҳиши содирот, пеш аз ҳама, аз коҳиши пешниҳоди металлҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо (97 фоиз), нахи пахта (55 фоиз), маводи нассоҷӣ (44 фоиз) ба амал омадааст.

Содироти меваю сабзавот, маҳсулоти маъданӣ (семент, маъданҳо ва консентратҳо, қувваи барқ, ангишт) низ кам шудааст.

Маҳсулот аз Тоҷикистон асосан ба Қазоқистон (23,6% аз ҳаҷми умумӣ), Чин (22%), Туркия (13,1%) ва Русия (12,9%) содир шудааст.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Имрӯз Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафар ба вилояти Суғд дар ноҳияи Айнӣ корхонаи маъдантозакунии ҶДММ "ТВЕА Душанбе саноати куҳӣ", Беморхонаи минтақавӣ, Қасри паҳлавонони суғдӣ, майдончаи бозии футбол, майдони Парчами давлатии Тоҷикистонро ифтитоҳ кард.

Маросими ба кор андохтани корхонаи истихроҷ ва истеҳсоли маъдани ҶДММ "ТВЕА Душанбе саноати куҳӣ" ба таври маҷозӣ сурат гирифт. Истихроҷи маъдан дар корхона аз ду кон - "Кумарғи боло" ва "Дуобаи Шарқӣ" сурат мегирад. Кони "Кумарғи боло" қариб 4 ҳазор метр ва "Дуобаи шарқӣ" дар баландии 2300 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад.

Маркази матбуоти Сарвари давлат иттилоъ додааст, ки иқтидори корхонаи нав дар як сол ба коркарди 900 ҳазор тонна маъдан баробар мебошад. Раванди истеҳсоли маъдан дар 4 марҳила - истихроҷ, майдакунӣ, обшӯкунӣ ва чудокунӣ сурат мегирад.

Бунёди бинои нави Беморхонаи минтақавии деҳаи Урметан бошад, моҳи октябри соли 2017 оғоз гардида, он аз тарафи МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳияи Айнӣ дар муҳлати муайян мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ, аз қабили дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ (ИВЛ), кардиомонитор, дастгоҳи ташхиси ултрасадо, сабти барқии дил ва дигар технологияи муосири ташхису табобат имкон медиҳад, ки ба сокинон хизматрасонии босифати тиббӣ расонида шавад. Дар беморхонаи тозабунёд барои ба табобат фаро гирифтани беморон 45 кати хоб мавҷуд аст.

Ҳамчунин, пас аз ифтитоҳи Корхонаи металлургии мисгудозӣ дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки "Зарафшон"-и шаҳри Панҷакент, мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо 100 ятими кулл аз шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Бӯстон, Айнӣ, Шаҳристон, Куҳистони Мастчоҳ ва Зафаробод ва тақдими туҳфаҳо сурат гирифт.

Сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд идома дорад.

САРИ САБЗ



Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Маркази исломӣ

- Агар мо барои дастархонороии идона иқдом нагирем ва дастархони маънавӣ ташкил намоем, зарурати ба бозор рафтану бо нархҳои гарон маҳсулот харидан намемонад. Ҳол он ки, дар чунин вазъи ҳаво ҳама гуна маҳсулот зуд вайрон мешавад.

- Ҳаҳаҳаҳ, домуллои муҳтарам, шумо бо ин андешаатон тоҷирони яхдонфурӯшро аниқ ба шӯру ғазаб мероред. Гузашта аз ин, акнун дар бораи чигунагии "дастархони маънавӣ" фикр кардан лозим...



Садбарг САЛИМОВА, рӯзноманигор, адиб, омӯзгор ва шерозадӯз

- Фарзандони падар медиданд, ки бо хондани китоб бандем, косаи хӯрок ё пиёлаи чойро аз наздамон пинҳонӣ мегирифтанд ва чун сар аз китоб мебардоштем, медидем, ки дар наздамон чизе нест. Чунин хотираҳои нек дорем аз китобхонии хеш дар ҳалқаи аҳли оила.

- Насли имрӯза чанд сол баъд чӣ мегуфта бошанд? Шояд хотираҳояшонро чунин варақгардон кунанд: "Фарзандони падар медиданд, ки бо телефони мобилӣ, бо "Тикток"-у "Одноклассники"... бандем...".



Давлаталӣ САИД, раиси вилояти Хатлон

- Мефаҳмам, маблағгузорӣ маҳдуд аст, вале метавон гирду атрофи ёдгориҳои таърихиро тозаю озода нигоҳ дошт. Вилояти Хатлон имкониятҳои зиёд дорад. Мо бояд фазои беҳтар барои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя бисозем.

- Кош ҳама ин ҳавасу хоҳиши шуморо медоштанд, раис! Кошкӣ назари дигар масъулини сатҳҳои гуногуну мақомоти мухталиф ҳам ба соҳибкорону ҷалби сармоя чунин некбинона мебуд!

ПУЛИ НАҚД АЗ БАЙН МЕРАВАД?!

Тоҷикистон ба низоми нав омода аст ё не?

Аз 1-уми августи соли равон пардохти андозҳо ва боҷҳои давлатӣ ғайринақдӣ сурат мегирад. Пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғурта, хизматрасониҳои тиббӣ, коммуналӣ, қабули маблағ аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ низ ғайринақдӣ амалӣ мешавад. Дар ин бора фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон имзо шудааст. Ҳадаф аз ин иқдом чист? Бонкҳои Тоҷикистон барои анҷоми чунин амалиётҳо омода ҳастанд?



Навбатпӯл дар назди банкоматҳо аз байн меравад?

Амалиёти ғайринақдӣ пардохт тариқи кортҳои бонкӣ ва ҳамёни мобилӣ мебошад. Тавре мушоҳида мешавад, ҳоло бештари амалиётҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои давлатӣ тавассути Амонатбонк сурат мегирад. Дар ростои пурра гузаштан ба амалиётҳои ғайринақдӣ масъулини ин бонк ба Pressa.tj иттилоъ доданд, ки имрӯз барои пардохти ғайринақдии андозу боҷҳои давлатӣ ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ дар филиалҳо, марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва биноҳои нозироти андоз беш аз 850 постерминал насб шудааст.

Сироҷидин Икромӣ, раиси КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро муҳим медонад. Зеро он барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам хоҳад гузошт.

«Агар қаблан дар 372 нуқта қабули маблағҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ ичро мегардид, имрӯз имконияти дар 853 нуқта анҷом додани чунин хизматрасониҳо пайдо шудааст, яъне ҳама марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва филиалҳои Амонатбонк барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои миллии низоми пардохти миллии «Корти миллӣ» омода ҳастанд»,- афзуд Сироҷиддин Икромӣ.

Барномаи нави Амонатбонк

Бино ба гуфтаи масъулини Амонатбонк, шахсони воқеӣ ва соҳибкорон метавонанд 11 намуд андоз ва зиёда аз 300 намуд пардохтҳои ҳатмиро дар шабакаи ин бонк анҷом диҳанд. Барои идора намудани равандҳои марбут ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ҳамгироӣ бо вазорату идораҳо барномаи нави «Фронт-офис» тарҳрезӣ ва мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳар як вазорату идора ва ташкилоти давлатӣ метавонад аз утоқи шахсӣ дар барнома истифода бурда, тамоми пардохтҳои ба манфиати онҳо қабулшударо назорат намояд. Амонатбонк татбиқи лоиҳаи пардохтҳои ғайринақдии давлатиро аз даҳаи сеюми моҳи март оғоз намуда, то имрӯз тавассути постерминалҳо беш аз 275 миллион сомонӣ маблағҳои андоз, пардохтҳои ҳатмӣ ва коммуналиро қабул намуда, ба буҷаи ҷумҳурӣ интиқол додааст.

Барои таъмини фаврият ва хизматрасонии саривақтӣ ба мизоҷон Амонатбонк кортҳои беноми «Фарогир»-ро ба миқдори 164 ҳазор адад интишор намуда, ба мизоҷон дастрас карда истодааст. Мизоҷон бо истифода аз кортҳои мавҷудаи худ метавонанд ба таври ғайринақдӣ пардохтҳоро анҷом диҳанд. Инчунин, дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ 237 адад ва дар бахши хусусӣ 620 адад постерминалҳо насб карда шудааст. Дар замимабарномаи «Амонатмобайл» низ имконияти анҷом додани 11 намуди пардохти андозҳо ва хизматрасониҳои коммуналӣ вуҷуд дорад.

Шарҳи Бонки миллӣ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бошад, иброз дошт, ки гузаштан ба амалиётҳои ғайринақдӣ пеш аз ҳама барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароит фароҳам меорад.

Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту харочоти иловагии аҳолӣ мегардад.

PRESSA.TJ

Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту харочоти иловагии аҳолӣ мегардад.

Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳамияти муҳими иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ин равандро осон ва қулай мегардонад.

Ҳоким Холиқзода иброз дошт, ки бо мақсади рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS - терминал ва QR-рамзро татбиқ менамоянд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода меғӯяд, мушкилии асосие, ки айни замон дар соҳа ҷой дорад, набудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ва заифии инфрасохтори зарурӣ дар бархе аз вазорату идораҳои давлатӣ мебошад.

Омори истифодаи корт дар Тоҷикистон

Онҳое, ки кортҳои бонкӣ доранд, дар истифодаи амалиётҳои ғайринақдӣ мушкилӣ намекашанд. Бино ба маълумоти оморӣ, то 31-уми майи соли равон аз ҷониби низоми бонкӣ дар маҷмуъ зиёда аз 5,7 миллион кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 43 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар 5 моҳи соли ҷорӣ теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 7,7 миллион адад баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта 63 фоиз афзоиш ёфтааст. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасониҳо дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 4 152 адад POS - терминал ва 19 708 адад QR-рамз ташкил кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 шумораи POS - терминалҳо ба андозаи 9,2 фоиз ва QR-рамзҳо ба андозаи 34,5 фоиз зиёд мебошанд.

Ба андешаи таҳлилгарони масоили иқтисодӣ, пардохти хизматрасониҳо тариқи корт ва дигар ҳамёнҳои мобилӣ хуб аст, агар суръати интернет бехтару нархи он дар шароити Тоҷикистон низ арзонтар бошад. Ин омили асосӣ дар тадбиқи амалиётҳои электронӣ аст.

Усмон РАҲИМЗОДА,
“Тоҷикистон”

▸▸ *Мавқеъ*



Карамулло ОДИЛОВ,
собиқадори хизмати давлатӣ

ОДАМГАРӢ

Суннати неки тоҷикӣ куҷо шуд?

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир сатҳу сифати зиндагии мардуми мо рӯз ба рӯз беҳтар гардида истодааст, вале қадршиносиҳои байниҳамдигарию мардумсолорӣ дар баъзе сатҳҳо хеле коҳиш ёфтааст.

Дар даврахои шӯравӣ гарчанде аксари мардум чандон дороиҳои зиёдро соҳибӣ намекарданду дастурхони хоксорона доштанд, муносибати ҳамватанони мо нисбати якдигар хеле самимию одамгариашон баланд буд ва сидқан ба қадри ҳамдигар мерасиданд. Он даврахо, агар касе аз ҳамкорон ё дӯстон бемор мешуд, ҳама хабаргириаш мерафтанд ва дар ҳолати ба ягон мушкилот дучор шудани ҳамсафон, бо суханҳои нек онҳоро таскин медоданд.

Сад афсӯс, ки дар равандҳои протсесҳои ҷаҳонишавии имрӯза ченаки бисёр муносибатҳо танҳо пул шудаасту шарти одамгарӣ вобаста ба мансабу дороиҳо ё худ, супориши унвонии мансабдори воломақом гардидааст ва ин хоҳу нохоҳ баёнгари дурустии мисраҳои зерини шоир мебошад:

Хулқу атвори замонро хуб
донистам, ки чист,
Корашон афтад, ғулому
корат афтад, хоҷаанд!

Чанде қабл нафаре бароям қиссаи бемории як дӯсташ ва муносибати духӯраи як қатор ҳамкорони дар намуди аввал «хеле самимии ӯро» нақл кард, ки боиси омодашавии мақолаи пандомези мазкур гардид.

Мувофиқи гуфти он дӯстам, як корманди мақомоти давлатӣ бемор мешавад ва чанд муддат дар беморхона табобат мегирад. Баъдан, тибқи тавсияи табибон барои ташхиси аниқ ва идомадиҳии табобат ба хориҷи кишвар сафар карданаш зарур мешавад. Ҳангоми дар хориҷи кишвар қарор доштанаш, тавассути “Ватсап” аз як ҳамкораш хоҳиш мекунад, ки варақаҳои корношоямии ӯ ва аризаашро оид ба додани рухсатии меҳнатӣ аз хонааш гирифта, ба муҳосиботи коргоҳ расонад, вале он «ҳамкораш», ки худро дӯсти хеле наздик вонамуд мекардааст, ҳатто муроҷиати дудафъаинаи телефонии падари куҳансоли он кормандро сарфи назар карда, ҳуҷҷатҳои мазкурро ба коргоҳ набурда ва инсони бемеҳр будани хешро нишон додааст.

(Давомаш дар саҳ. 13)

АЗ ТАҲСИЛИ ГАРОН ТО ТАЪМИНИ КОР

Мусоҳиба бо ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе



Ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, профессор Зайниддин Мухторов меҳмони навбатии барномаи “Бо далел” буд. Бо эшон дар студияи Pressa.tj атрофи зарурати таъсиси филиали донишкадаи мазкур, то кадом андоза ҷавобгӯ будани ихтисосҳои ин донишкада ба талаботи бозори меҳнат, нархи таҳсил ва дигар масоили мубрам дар соҳаи маориф суҳбат намудем.

- Имрӯз дар шаҳри Душанбе муассисаҳои олӣ зиёданд. Аммо мушоҳида мешавад, ки бештари хатмкардагон бо кор таъмин намешаванд ё берун аз ихтисоси худ фаъолият мекунанд. Дар ин росто, чӣ зарурат пеш омад, ки филиали Донишкадаи идоракунии рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе таъсис ёфт?

- Таъсиси филилали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе тақозои замон аст. Зимнан, ин донишкада дар Сингапур таърихи беш аз нимасра дорад. Имрӯз нақши ин муассисаи олии касбӣ дар Сингапур дар самти омода намудани мутахассисон хеле назаррас аст. Чунки зиёда аз 25 ихтисоси муҳим ва дар бозори меҳнат серталаб дар ин донишкада таълим дода мешаванд. Бинобар ин, яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси ин муассисаи олии касбӣ дар Тоҷикистон иртибот ба ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон мегирад.

- Ҳоло дар донишкада донишҷӯён аз рӯи кадом самтҳо қабул карда мешаванд?

- Дар марҳилаи аввал дар филиали Донишкадаи идоракунии рушди менеҷменти Сингапур (MDIS) таълим аз рӯи се ихтисос - мудирияти саноат (менеҷменти индустриалӣ), туризм ва меҳмондорӣ, технология ва амнияти иттилоотӣ (ҳифз аз ҳуҷуми кибернетикӣ дар самти идоракунии давлатӣ, низоми бонкӣ) ба роҳ монда мешавад.

Аллакай довталабон муроҷиат карда истодаанд ва мунтазам қабули ҳуҷҷатҳо ва имтиҳон гузашта истодааст. Довталабон асосан имтиҳонро аз фанни забони англисӣ месупоранд. Малакаи забондонии донишҷӯён бояд мутаносиб ба 5,5 холи ILS бошад.

- Бартарии ин донишкада аз муассисаҳои олии Тоҷикистон дар чист?

- Бисёре аз муассисаҳои олӣ вақте вориди Тоҷикистон мешаванд, баробари ба роҳ мондани таблиғ ва имтиҳони қабул, донишҷӯёнро ба хориҷи кишвар ба таҳсил мефиристанд. Албатта, ин хеле хуб аст, зеро дар ҳар кучое набошанд, вақте ки мутахассисони мо соҳибкасб мешаванд, барои рушди ватани худ саҳм мегузоранд. Мо чунин хулоса кардем, ки хеле хуб мешуд ҳамон имкониятҳои касбомӯзӣ ва таҳсили стандартҳои байналмилалӣ, ки ҷавонони мо дар хориҷ мегиранд, дар Тоҷикистон фароҳам оварда шаванд. Ин ҳам як роҳи нигоҳ доштани иқтидори зеҳнӣ дар кишвар ва онҳоро дар инҷо омода кардану бароҳаш шароити корро фароҳам овардан аст. Аз тарафи дигар, ҷавонон барои соҳиб шудан ба малакаҳои касбӣ ва гирифтани дипломҳои дараҷаи байналмилалӣ таваҷҷуҳи бештаре доранд. Аз ин лиҳоз, мо низ донишҷӯёнро бо талаботи байналмилалӣ омода сохта, онҳоро дар дохили кишвар бо кор таъмин хоҳем кард.

- Имрӯз дар муассисаҳои олии Тоҷикистон ихтисос ё касбҳои ба ҳам монанд зиёданд. Бо вуҷуди ин, донишҷӯён баъд аз хатм барои дарёфти кори мувофиқ мушкилӣ мекашанд. То кучо ихтисосҳо дар Донишкадаи идоракунии рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе мутобиқ ба бозори меҳнатанд ва баъди хатм донишҷӯён бо кор таъмин мешаванд?

- Вақте ки ҷониби Сингапур ихтисосеро роҳандозӣ мекунад, аввал бозори меҳнатро меомӯзад, ки то кучо талабот мавҷуд аст. Ҳамзамон, ҳуҷҷат ё меъёрҳои расмиро меомӯзанд, ба кадом самт равон шудани ҳадафҳои ин ё он кишварро меомӯзанд. Масалан, ихтисоси мудирияти саноат - ин рабт дорад ба ҳадафи 4-уми стратегии Тоҷикистон, яъне саноатикунии босуръат. Аз тарафи дигар, дар давоми таҳсил ва тартиби таҳсил дар Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе чун дар дигар донишгоҳҳои шарики он дар Аврупо ва Осиёи Ҷанубӣ роҳандозӣ мешавад, мунтазам баҳодиҳӣ дар бозори меҳнат ва ҳам бо донишҷӯён мегузаронад. Омӯзгороне, ки онҳо интихоб мекунанд, соҳибкасбанду собиқаи баланд доранд. Яке аз нуктаҳои нозук ин аст, ки омодакунии касбии ҷавонон дар Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур чун дигар донишгоҳҳои пешрафтаи олам хусусияти таҷрибамеҳварӣ дорад. Яъне, модули таълим дар заминаи фаъолияти ҳамарӯза, эҳтиёҷоти корхонаву ширкатҳо ва донишҷӯён таҳияву қабул мегардад. Бинобар ин, барномаҳои таълимӣ пурра дар доираи барномаҳои таълимии байналмилалӣ таҳия шудаанд.

- Таҷрибаи филиалҳои ин донишкада дар шаҳрҳои Тошканду Алмаато низ омӯхта шудааст?

- Бале. Барои мисол филиали донишкада дар шаҳри Тошканд 15 сол шуд, ки амал мекунад ва 5 ҳазор донишҷӯ дорад. Хатмкунандагон зуд соҳиби кор мешаванд, на танҳо дар бозори дохилӣ, ҳатто берун аз давлатҳои хориҷ кори шоиста меёбанд. Азбаски таҳсил ба забони англисӣ аст, пайдо кардани кор ҳам чандон мушкил нест.

- Нархи таҳсил дар донишкада чанд аст?

- Маблағи шартнома баробар ба 32 000 сомонӣ аст.

- Дар шароити Тоҷикистон магар ин нархи дандоншикан нест?

- Вақте ки донишҷӯёни мо барои таҳсил ба хориҷа мераванд, маблағи хеле калон сарф мекунанд. Мо омӯзгоронро аз берун даъват мекунем ва тамоми харочот аз тарафи муассисони донишкада назорат карда мешавад. Баъзе ширкату корхонаҳои Тоҷикистон, ки эҳтиёҷи кадр доранд, ба Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе дархост пешниҳод карданд, то барояшон мутахассис омода намоем. Яъне, пардохти маблағи таҳсилро ширкатҳо бар зимма мегиранд ва оянда мутахассисон дар ҷойи пешбинишуда фаъолият хоҳанд кард.

- Шумо мутмаин ҳастед, ки бо оғози фаъолият ин донишкада дар Душанбе мавқеъ меёбад?

- Бо ҳамин ҳадаф корро оғоз кардем. Умедворем, ки ба амалишавии нақшаҳои гузошта хоҳем расид.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

▸▸ *Бохабар бош!*

САФОРАТИ ТОҶИКИСТОН МЕКӮЧАД



- Дар Маскав намояндагии дипломатии Тоҷикистон тағйири макон мекунад,- иттилоъ дод Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.

Ба иттилои вазорат, сафорати кишвар дар Русия, ки солҳои сол дар Маскав дар кӯчаи Гранатний переулок буд, акнун ба бинои Меҳмонхона (Гостевой дом)-и Ҳукумати Тоҷикистон, ки дар буриши кӯчаи дуюми Тверская-Ямская, кӯчаи Чаянов, бинои 3 қарор дорад, кӯч мебандад.

Ёдовар мешавем, ки ахиран Сирочиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон зимни сафараш ба Русия бо ҳамтои русаш мулоқот кард.

Баъд аз музокирот миёни Русияву Тоҷикистон Протоколи иловагии №1 ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия оид ба шароити ҷойгиршавӣ ва хизматрасонии намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар Русия ва Русия дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Меҳмонхона (Гостевой дом)-и Ҳукумати Тоҷикистон дар маркази шаҳри Маскав, дар буриши кӯчаи дуюми Тверская-Ямская ва кӯчаи Чаянов, дар фосилаи ҳамагӣ 550-600 метр аз истгоҳҳои метрои Белорусская ва Маяковская ҷойгир шудааст.

▸▸ *Ҷаҳон*

ЭРОН УЗВИ КОМИЛҲУҚУҚИ СҲШ ШУД

Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) рӯзи сешанбе расман эълон кард, ки Эрон ба сафи кишварҳои узви Созмон пазируфта шуд. Қарор дар ин бора дар нишасти 23-юми Созмон таҳти раёсати Ҳиндустон қабул шуд.

Дар кори нишаст ҳамаи давлатҳои узви СҲШ иштирок карданд. Белорус, Эрон ва Муғулистон ба сифати нозирон даъват шуданд. Ҳамчунин дар чорабинӣ роҳбарони ду мақоми созмон - Котиботи СҲШ ва Сохтори минтақавии зидди терроризми Созмон ҳузур доштанд. Ғайр аз ин, роҳбарони Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, САД, СММ, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) ва ИДМ иштирок карданд.

- Эрон узви нуҳуми иттиҳоди байнидавлатӣ шуд. Моҳи сентябри соли 2022 дар нишасти СҲШ дар Самарқанд дар бораи уҳдадориҳои Эрон бо мақсади узвият ба Созмон ёддошт ба имзо расида буд,- хабар медиҳад “ТАСС”.

Дар котиботи СҲШ дар Пекин маросими тантанавии барафрохтани парчами Эрон доир гардид.

Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ зимни ҷаласаи нишаст изҳор дошт, ки ҳукумат ва мардуми Эрон аз пазируфтани кишварашон ба ин созмон изҳори сипос мекунанд.



Гӯшаи нави **“ПОЙТАХТ”** дар ҳафтаномаи **“ТОҶИКИСТОН”** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 93-111-08-61

WI-FI-И РОЙГОН ДАР ПОЙТАХТ

Аз соли 2016 шаҳрдории Душанбе барои ройгон насб кардани Wi-fi дар боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахт қарор қабул кард. Ҳамасола аз буҷети шаҳрдорӣ барои Wi-fi-и ройгон маблағ ҷудо мешавад.



Харитаи Wi-fi-и ройгон дар пойтахт

Феълан дар пойтахти кишвар панҷ ширкати мобилӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар маконҳои мухталиф нуқтаи Wi-fi-ро насб кардаанд.

➔ 1. ZET-MOBILE

дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе 45 Wi-Fi-роутер насб кардааст, ки мусофиронро бо интернети бепул таъмин мекунад.

➔ 2. MegaFon Green Wi-Fi

дар боғҳои «Боғи Рӯдакӣ», «Куруши Кабир», «Кӯли ҷавонон», «Аҳмади Дониш», «Айнӣ», «Фирдавсӣ» кор мекунад.

Ғайр аз ин, дар мавсими гармо Wi-Fi-минтақаи муваққатӣ дар “Кӯли Душанбе” - калонтарин маҷмааи фароғатӣ дар об ва дар аквапарки “Делфин” фаъол мешавад. То ин боғҳо бо автобусҳои №№8, 3, 43, 2, 4 рафтан мумкин аст, ки дар онҳо низ Wi-Fi кор мекунад.

➔ 3. “Вавилон Т”

нуқтаҳои бепулро дар боғҳои «Наврӯзгоҳ», «Нишони давлатӣ», «Парчами миллӣ» пешниҳод мекунад. Ҳамчунин ширкат чунин нуқтаҳоро дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, маркази савдои «Ашан» ва дар бинои Иттифоқи нависандагон - рӯ ба рӯи МС “Баракат” (собиқ Путовский) насб кардааст. Wi-Fi-и «Вавилон-Т» дар нақлиёт нест.

➔ 4. Tcell Wi-Fi

дар боғҳои «Ҷавонон», «Куруши Кабир» ва «Умари Хайём» пайваст шуда метавонед. Ғайр аз ин, дастрасӣ ба интернет тариқи Wi-Fi дар 6 автобуси ҷамъиятӣ дар хатсайрҳои №№3, 8 и 18 мавҷуд аст.

➔ **5.** Ҳамчунин нуқтаи Wi-Fi-и бепулро метавон дар марказҳои хидматрасонии ширкат дар Рӯдакӣ, 9, Гулистон, Саховат, Садбарг, Донишгоҳи омӯзгорӣ (Пединститут) ва 9-ум километр пайдо кард.

Дар ширкатҳои мобилии О Mobile ва «Анор» ҳоло чунин нуқтаҳои ҷамъиятии дастрасӣ ба Интернет мавҷуд нест.

Чаро Wi-Fi дастрас нест?

Бино ба иттилои шаҳрдорӣ, ҳудуди фарогирӣ (амал)-и Wi-Fi 200 метрро дар бар гирифта, суръаташ беш аз 1 мегабайтро ташкил медиҳад. Вале сокинон мегӯянд, ки хизматрасонии ройгони интернет дар маконҳои муқарраргардида дастрас нест.

Масъулин мегӯянд, ки бархе аз мардум шояд то ҳанӯз аз чигуна пайвастан ба интернети бемаҳдуд огоҳ набошанд.

Барои истифода аз Wi-Fi дар автобус онро дар смартфон, планшет ё ноутбуки худ фаъол кардан лозим аст. Дар саҳифаи истиқбол ба корбарон пешниҳод мекунанд, ки барои гирифтани коди дастрасӣ рақами телефони мобилиро ворид намоянд. Ин амал барои муштариёни ҳамаи ширкатҳои мобилӣ дастрас аст. Ҳар кадоме аз мусофирон се бор ба Wi-Fi пайваст шуда метавонад. Яъне зимни пайваст шудан шумо 20 дақиқа Интернет доред ва бо тамом шудани он, шумо ба таври автоматӣ аз он маҳрум мешавед. Пас аз ин шумо метавонед бори дигар ба муддати 20 дақиқаи дигар пайваст шавед. Дар як нақлиёт метавон дар як рӯз на зиёдтар аз як соат аз интернет истифода бурд.

С. УБАЙДУЛЛОЗОДА

ДАР ДУШАНБЕ АРЗОНӢ МЕШАВАД?



Ба КВД «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе», ки пойтахти Тоҷикистонро бо маҳсулоти хӯрокворӣ таъмин мекунад, имтиёзҳо дода шуд. Интизор меравад, ки аз ин ба баъд нархи маҳсулот дар бозорҳои пойтахт танзим шавад.

Палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон ба қонун «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни ҶТ «Дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои соли 2023» тағйирот ворид намуд, ки мувофиқи он, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоиз ва боҷҳои гумрукӣ - пурра озод карда мешавад.

Муовини вазири молия Сарвар Қурбониён ба вакилони парлумон хабар дод, ки тағйирот тибқи муроҷиати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва дар асоси хулосаи Гурӯҳи кории доимоамалкунандаи коршиносон оид ба такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия гардидааст.

Дар доираи Созишномаи савдои озод бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил воридоти гандуми истеъмолӣ, орд, равғани растанӣ, биринҷ ва шакар, ки асосан дар ин кишварҳо истеҳсол ва ба ҷумҳурӣ ворид мегарданд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод шуда, зимни воридоти онҳо аз давлатҳои берун аз минтақаи савдои озод бо назардошти дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ нагардидани озодкунӣ нисбат ба боҷи гумрукӣ имтиёз татбиқ намегардад.

Вакили парлумон Азиз Гиёзода изҳор дошт, ки мақсади ворид намудани тағйироту иловаҳо беҳтар намудани вазъи таъминоти бозори истеъмолӣ ва муътадил нигоҳ доштани нархҳо дар бозорҳои шаҳри Душанбе мебошад.

ФЕСТИВАЛИ ЯХМОСУ НӮШОКИҲО

Дар шаҳри Душанбе фестивали дӯғоб, яхмосу нӯшокиҳои ташнагишикан ва шарбати меваҳо баргузор гардид. Дар чорабинӣ тамоми намуди шириниҳо ва нӯшокиҳои тароватбахш пешниҳоди сокинону меҳмонони пойтахт гардонида шуд.

Бино ба иттилои МИҲД-и шаҳри Душанбе, ҳайати Комиссия, харҷнома ва нақшаи чорабиниҳо оид ба омодагӣ ва баргузории Фестивали мазкур дар пойтахт тасдиқ гардидааст.



Ёдовар мешавем, ки тибқи «Ҷадвали баргузории фестивал, намоиш, ид, озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ ва ҷашну солгардҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» дар Тоҷикистон Фестивали яхмос, дӯғоб, шарбати мева ва обҳои ташнагишикан, инчунин Озмуни қаннодӣ ва ҳалвопазӣ доир мегардад.

ИФТИТОҲИ ОЗМОИШГОҲИ НАВ ДАР ДМТ

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Пайвастҳои координатсионӣ» мавриди истифода қарор гирифт. Дар ифтитоҳи озмоишгоҳ ректори донишгоҳ, профессор Қобилҷон Хушвахтзода ва ҳайати устодону кормандон иштирок намуданд.



Гуфта мешавад, ки Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Пайвастҳои координатсионӣ», ки дар заминаи амалишавии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ифтитоҳ ёфт, баъди навсозӣ бо асбобҳои муосири дақиқсанҷ ва ченкунанда қушода шуд, ки аз чунин маводу таҷҳизот, аз қабили маводҳои химиявии аввалия, лигандҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, намакҳои металлҳои интиқолӣ, лавозимоти озмоишгоҳӣ, яхдон барои нигоҳдории моддаҳо, иономерҳои дақиқсанҷ, электродҳои навъи якум ва дуюм, ҳаммоми обӣ, микроскопҳои электронӣ, асбоб барои муайян намудани миқдори гидрогени таркиби маҳлулҳо ва маҳсулот, дастгоҳи дистилятор барои тақтири об, спектрофотометрҳо, рефрактометр, кондуктометр, тафдони нигаҳдорандаи ҳароратҳои баланд ва миёна, дастгоҳ барои муътадил нигоҳ доштани ҳарорати маҳлулҳо, тарозуҳои электронӣ барои муайян намудани вазни моддаҳо, штативҳои металлӣ барои доштани колбаҳо ва пробиркаҳо, омехтакунак, компютерҳо ва ғайраҳо иборат мебошанд.

Озмоишгоҳи мазкур аз соли 1970 инҷониб фаъолият намуда, дар пояи он 5 рисолаи докторӣ ва 21 рисолаи номзадӣ омода ва дифоъ карда шудааст. Айни ҳол 4 нафар рисолаи докторӣ ва 5 нафари дигар рисолаҳои номзадии худро омода менамоянд.

Таърих

МУАММОИ 72 МИЛЛАТ

Ё чаро Ислом пора шуд?

Кас зи ҳафтоду ду миллат
ин муаммо ҳал накард,
К-ин ҳама мазҳаб чаро
дар дини як пайғамбар аст?!
Калими Кошонӣ

Бо гузашти бештар аз 1400 соли интишори Исломи Муҳаммадӣ аз ваҳдату ҳамдилию ҳамбастагии мусалмонони сайёра нишоне намондаву ояти “Муъмин бародари муъмин аст”, ки сарчашмаи ваҳдатзову яке аз омилҳои пирӯзии ин дини муқаддас буд, ҳазорон афсӯс, ки дигар ба шоҳу оятуллоҳ, олиҷоҳу олампаноҳ беасар аст. Ҷангҳову муноқишаҳои беҳисоби мазҳабӣ гувоҳи гуфтаҳост. Исломи поку воҳидро пора-пора, ба мазҳабу фирқаву ҷараёну аҳзоб тақсим намудаву садсолаҳост мусалмон мусалмонро руҳану ҷисман террор мекунад. Мутаасифона баъди пирӯзии ислом бар империяи мо бо гузашти асрҳо Ориё низ ғарқи Ислом ва дар заминаи мазоҳиб пора шуд ва ин ихтилофҳо моро бо мо бегона кард. Тасаввур кунед, сохти давлатдорию мазҳаббозиҳо халал намерасонду 100 миллион Ориёнажодони форсигӯи Тоҷикистону Афғонистону Эрон бо хату забону нажоди муштарак, бигузор дар давлатҳои мустақил ба ҳам меомадему "Иттиҳоди Давлатҳои Форсизабон"-ро монанди туркнажодон таъсис медодем, чӣ иттиҳоди бузурге мешуд. Афсӯс!

Маъзур, ки аз мавзуи аввала дуртар рафтам. Акнун назар афканед ба шикастапораҳои Ислом:

- **1. Шиа;**
- **2. Суннӣ;**
- **3. Сабиияён;**
- **4. Зайдия;**
- **5. Имомия;**
- **6. Кайсония;**
- **7. Хаворичҳ;**
- **8. Азрақия;**
- **9. Наҷдия;**
- **10. Суфрия;**
- **11. Аҷорида;**
- **12. Ибозия;**
- **13. Язидия;**
- **14. Мурҷиа;**
- **15. Муътазила;**
- **16. Қадария;**
- **17. Ҷабрия;**
- **18. Ҷаҳмия;**
- **19. Баҳоия;**
- **20. Салафия;**
- **21. Ваҳҳобия;**
- **22. Маймуния...**

Бале Маймуния. Маймуния ҳам яке аз фирқаҳои исломисту асосгузораш Маймун ибни Аҳрад. Онҳо ба усули эътикодии Ислом ва муқаррароти тавҳидии Қуръон ва суннат комилан мухолиф буда, аз назари аҳли суннат аз Ислом хориҷ дониста шудаанд. Ҳарчанд Ҳукм танҳо дасти Худост.

Дар хулоса ҳаминро бояд таъкид намоям:

Эй мусалмонон! Агар Як Худову Як Муҳаммаду Як Қуръон дошта бошед, пас чиро бояд тақсим карду то ба кай ин мазҳаббозӣ?!

Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР
(Ориёмеҳр ЗАРДУШТ)



Пешниҳод

ИСТИРОҲАТ ДАР ИДҲОИ МИЛЛӢ

Бо шарофати сиёсати фарҳангии Пешвои миллат мақому манзалати ҷашни аҷдодии мо Наврӯзи оламафрӯз боло бардошта шуд. Ин ҷашни ниёгонамон ба маснади воқеии хеш нишаст ва ҷашни ҷаҳонӣ шуд.

Аз таърихномаҳо бармеояд, ки мо дар баробари Наврӯз се ҷашни дигаре дорем, ки инҳо Тиргону Мехргону Сада мебошанд. Ин ҷашншҳо оҳиста-оҳиста эҳё мешаванд. Барои мисол, 30 сол пеш мо дар бораи ин ҷашнҳо тамоман маълумот надоштем. Ҳоло дар ВАО доир ба ин иду ҷашнҳо мақолаҳо нашр мешаванд. Дар пойтахти кишвамон низ ин санаҳо таҷлил мешаванд. Вале барои воқеан барқарор кардани ин идҳо бояд талош кард. Пешниҳод мекунам, ки дар баробари Наврӯз рӯзҳои Тиргону Мехргону Сада низ рӯзҳои истироҳат эълон карда шаванд. Истироҳат дар ин рӯзҳо ва таҷлили бошукуҳи ин ҷашнвораҳо имкон медиҳад, ки ин санаҳои равшани таърихи ниёгонамон эҳё шаванд.

Саидҳоҷа МАРДОНОВ,
шаҳри Истаравшан



ДАРГУЗАШТИ МУҲАҚҚИҚИ ЯЗГУЛОМ

Исмоил Раҳимӣ (Раҳимов), доктори илмҳои филология, профессор, муҳаққиқи этнографияи водии Язгулом, рӯзи 3 июл дар синни 77 аз олам чашм пӯшид.

Номбурда 1 майи соли 1946 дар деҳаи Жамадги ҷамоати Язгуломи ноҳияи Ванҷи ВМКБ ба дунё омадааст. Соли 1992 рисолаи докториашро дар асоси маводи мардумшиносии водии Язгулом дифоъ карда, сазовори унвони доктори илмҳои филология ва баъдан профессор шуд. Исмоил Раҳимӣ солҳои тӯлонӣ ба ҳайси ходими илмӣ дар Пажуҳишгоҳи забону адабиёти АМИТ кор кардааст. Баъд устоди Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоев буд. Аз соли 2019 то дами марг дар Пажуҳишгоҳи улуми гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови АМИТ кору фаъолият дошт.

АҚДИ НИКОҲИ ОРИЁӢ

Чанд сол аст, ки дар Эрон ақди ориёӣ байни домоду арӯс мӯд шуда, ҷавонон мехоҳанд баъди никоҳи арабӣ барояшон ақди ориёӣ хонда шавад, то бо ҷумлаҳои форсӣ ба ҳам ибрози ишқ кунанд.

Ақди ориёӣ иттифоқи қашанге буда, маъмулан дар ин маросим духтар ва писар ба ҳам ибрози ишқ мекунанд ва ин лаҳзаи зебое аст.

Матни ақди ориёӣ:

Домод: Ба номи Яздон ман туро баргузидам аз миёни ҳама хубон.

Миёни ин гувоҳон бар лаб орам ин сухан бо ту. Барои зистан бо ту. Вафодори ту хоҳам буд дар ҳар лаҳзаву ҳар ҷо. Пазиро мешавӣ оё? Ту бо ман инчунин ҳастӣ, ки ман бо ту?

Арӯс: Ба номи Яздон пазиро мешавам меҳри туро аз ҷон ҳам акнун боз мегӯям миёни анҷуман бо ту. Вафодори ту хоҳам буд, дар ҳар лаҳза, дар ҳар ҷо. Барои зистан бо ту. Ту ҳам бо ман чунон бо меҳр паймон кун, ки ман бо ту.

Арӯсу домод: Ту чун ҳамошён хоҳӣ шуд бо ман, тамоми умр хоҳам буд як ҷон дар ду бадан бо ту. Биҳишти ишқ созам хонаро. Саршор аз меҳру нерӯву атру ёсуман бо ту!


Гувоҳони ин пайванд:

Ҳумоюн бод ин пайванд!
Ҳумоюн бод ин пайванд!
Ҳумоюн бод ин савганд!

Диловар ШЕРАЛӢ

Омор

СИННИ НАФАҚА ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ВА РУСИЯ



Манбаъ: Сарчашмаҳои озод

ХУДО БА НАФАҚА (НА) РАСОНАД...

Дар ҷавонӣ орзу мекунанд, ки зудтар ба нафақа бароянд. Муйсафедон ҳам чунин дуо медиҳанд: писарам (духтарам), илоҳӣ ба пирӣ расӣ, 100 сол умри бобаракат бинӣ. Вале имрӯз ба нафақагирон менигарӣ, мегуӣ, ки ҳеҷ гоҳ пир ҳам нашаваму ба нафақа ҳам нарасам...

Имрӯз нафақагирон аз назари роҳбарону мансабдорон, идораю ташкилотҳое, ки дар он ҷой мӯйи сар сафед кардаанд, дур мондаанд, онҳоро касе суроғ намекунад. Рӯзҳои иду ҷашнҳо онҳоро даъват наменамоянд. Аз ин табибу омӯзгору санъткор, судяву прокурор, милисаи собиқадор озурдахотир мешаванд. Дар аксар шаҳру навоҳӣ шуроҳои собиқадорони меҳнат ба масали «Хоҷа боғ дорӣ? Дорам!» фаъолият доранд. Агар ҳамон раисони шаҳру навоҳӣ, муовинонашон, вазирону кабирон фардо ба муроди пирӣ расанду касе онҳоро суроғ накунад, аз дилашон чӣ мегузаронида бошанд?

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

Нигаронӣ

ВОЙ БАР ҲОЛИ ШОҲРОҲ!

Аз маркази шаҳраки “30-солагии Истиқлол”-и ноҳияи Файзобод шоҳроҳи байналмилалӣ мегузарад, ки пойтахти кишвари моро ба вилояти Хатлону Бадахшон ва кишвари моро ба Қирғизистону Чин мепайвандад.



Ин шоҳроҳ бисёр муҳим буда, аҳамияти стратегӣ дорад. Вале солҳои охир ду тарафи шоҳроҳ чунон танг шудааст, ки агар ронандаҳо эҳтиёт накунанд, садамаи нақлиётӣ ба вуҷуд омада, фалокат рух доданаш аз эҳтимол дур нест.

Тибқи меъёрҳои мавҷуда, бояд мағозаҳои масолеҳи сохтмонию хӯрокворӣ, дорухонаҳою дӯконҳои гӯшт аз шоҳроҳ дар масофаи 20-25 метр дур сохта шаванд, то ки ба рафтуомади воситаҳои нақлиёт ва убури пиёдагарон монеа эҷод накунанд. Аммо собиқ раисони ноҳия ва масъулин сабзиро аз каду фарқ накарда, ба пулдорону тағадорон дар наздикии шоҳроҳ иҷозати сохтмони биноҳоро додаанд. Феълан, то роҳи афсалтпӯшро масолеҳи сохтмонӣ ва савдо банд кардааст. Мо борҳо ба мақомоти марбута доир ба ин масъала мурочиат кардем, вале бенатиҷа аст. Шояд баъди нашри ин матлаб дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ин мушкил роҳи ҳалли худро ёбад.

Ҳокими САФАР,
ноҳияи Файзобод



ТАРБУЗА

Аз далелу арқом то хурофот

Тарбуза дар оинаи таъриху фарҳанг

Ватани аслии тарбузаро олимон Африқои Ҷанубӣ меҳисобанд. Он дар Мисри Қадим ҳам маълум буд. Айни замон бузургтарин кишварҳои истеҳсолкунандаи тарбуза дар ҷаҳон Чин, Эрон, Туркия, Ҳиндустон, Бразилия, Алҷазоир, Россия, Ӯзбекистон, Миср, Мексика, Ветнам, Испанияву Қазоқистон ба шумор мераванд. Тоҷикистони мо низ ватани тарбузаҳои хушмазза аст.

Маънии «тарбуза»

Вақте ки дар бораи маънии номи тарбуза сухан меравад, бояд инро таъкид кунем, ки онро бо номҳои «тарбуз», «ҳиндувона», «андина», «добуғ», «қорпӯз», «тарбайза», «биттихи ҳиндӣ» низ меномиданд. Соҳиби «Фарҳанги Низом» калимаҳои тарбуза ва тарбузро мухаффаф (шакли кӯтоҳшуда)-и тарбайза медонад. Номи маъруфи арабияш «биттих» аст. Айни замон тоҷикони Осиёи Миёна нисбати ин меваи ширин вожаҳои «тарбуз» ва «тарбуза»-ро истифода мебаранд, дар байни мардуми Эрон ва Афғонистон бошад, калимаи «ҳиндувона» бештар истифода мегардад.

Дар забони русӣ барои ифодаи тарбуза калимаи «арбуз» истифода мегардад, ки баромади он аз калимаи форсӣ-тоҷикии «харбуз» ва ё «харбуза» мебошад. Дар асрҳои XIV-XV русҳо бо ин калима шинос мешаванд ва нисбати тарбуз низ онро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Маънои «харбуза»-ро агар шарҳ доданӣ шавем, дар ин калима хар ба маънои калон, «буза» бошад, меваи хушбӯй маънӣ дорад, яъне меваи калони хушбӯй. Калимаи «буза»-ро бодаринг ҳам гуфтаанд ва агар аз ин нуқтаи назар андеша кунем, «харбуза» бодиринги калон маъно дорад. Калимаи «тарбуза»-ро агар иборат аз ҷузъҳои «тар» ва «буза» ҳисоб кунем, пас дар ин ҷо тар маънои сероб, нек ва зеборо медиҳад, яъне маънои он меваи хушбӯи серобе мешавад, ки ба гумони мо ҳама сифати онро ифода мекунад.

Дар мавриди маънии номи дигари тарбуза - ҳиндувона низ шарҳи ҷолиб мавҷуд аст. Маълумон, холи ҳиндӣ сиёҳ ҳам сиёҳ аст. Онро ба холи ҳиндӣ монанд карда, «ҳиндувона» номидаанд, ки хеле шоирона мебошад.

Тарбуза дар осори таърихӣ ва адабӣ

Дар осори адабӣ ва таърихӣ муаллифони мовароуннаҳрӣ калимаи «тарбуз»-ро истифода кардаанд. Чунончи, Сайидои Насафӣ дар сифати тарбузфурӯш гуфтааст:

Дилбари тарбузфурӯшам рӯ ба ҳар сӯ мекунад,
Чун дучораш мешавам, тарбузчаро рӯ мекунад.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва муаллифони қабл аз ӯ вожаи «ҳиндувона»-ро истифода кардаанд.

Дар таърихномаҳои куҳан зикр гардидааст, ки дар зиёфати подшаҳон ва умарои маъруф рӯи дастархон ҳиндувона мегузоштаанд. Дар «Акбарнома» овардаанд, ки ба рӯи хон мураббоҳои себи мушкони машҳадӣ, ангур ва ҳиндувонаро бо нонҳои сафед мегузоштаанд.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» нисбати ҳиндувона ва харбуза бо меҳри зиёд сухан ба миён омадааст. Чунончи, Хоҷа Лутфуллоҳи Бухорӣ, ки бемор будааст, ба Хоҷа Исмоили Зарнақӣ чунин мактуб навишта, дархост кардааст: «Муфидтарин мевае, ки дили хастаи беморони бистари ҷафову миҳан (ранҷҳо) аз он об мехӯрад ва нофеътарин самарае, ки аз ҷигари ташнаи синарешони балову фитна тоб мебарад, ҳиндувона ва харбуза аст... Байт:

Он бувад лаззату ҳаловати руҳ,
В-ин дигар роҳати дили маҷруҳ».

Аз ин иқтибос аён мегардад, ки тарбузаро лаззату ҳаловати руҳ медонистаанд.

Дар «Пиростаи таърихи Ҳирот» воқеае нақл шудааст, ки Амир Иззуддин ҳиндувонаро ба расми туркон мебурид ва пораҳои онро бо нӯги корд истеъмол мекард.

Дар таърих чунин ҳам қайд гаштааст, ки деҳқонон чунин гумон доштаанд, агар ба косахонаи сари инсон донаи тарбузаро гузошта, онро кишт кунанд ва саривақт об диҳанд, меваи он чунон мешудааст, ки ҳар кас онро бихӯрад, хушу ақлаш зиёда мегардад.

Воқеаҳои ба тарбуз заҳр ҳамроҳ карда, заҳролуд кардани шахсони маъруф ҳам дар саҳифаҳои таърих нақл гаштааст.

Дар боло зикр кардем, ки тарбуз дар Миср маъруф буд. Маъмулан сулолаи Ҳахоманишиён ин кишварро забт мекунанд ва табиист, ки бо ин меваи полезӣ низ ошно мегарданд. Бино бар маълумоти хаттии таърихӣ дар даврони Сосониён низ тарбуз парвариш мешудааст.

Арабҳо бо тарбуза тавассути мисриён ва сурёниҳо шинос гаштаанд ва онро ҳамчун меваи тозакунандаи ҷисм мешиносанд.

Бо истифодаи тарбуз, нахӯд ва арзан андозаи Офтоб, Замин ва Моҳро тасвир намудаанд, ки дар он тарбуз - Офтоб, нахӯд - Замин ва арзан - Моҳ аст.

Тарбуза ва фарҳанги мардумӣ

Тарбуза барои мардуми мо аз замонҳои қадим ошност. Дар фарҳанги мардумӣ чунин одат будааст, ки дар шаби чиллаи зимистон хӯрдани тарбузро савоб медонистаанд. Яъне, меваи сурхранг ба монанди тарбуза, анор ва ғайраро дар шаби чиллаи зимистон истеъмол мекардаанд. Табиист, ки сурхӣ рамзи гармӣ ва равшанӣ аст ва дар шаби чиллаи зимистон, ки шаби дарозтарин аст, истеъмоли он ба умеди зиёдшавии гармӣ будааст.

Деҳқononи тоҷик низ ба парвариши тарбуза мепардозанд ва онро бо меҳри беандоза мепазонанд. Дар бораи пухта ва ё напухта будани тарбузаи дар палак буда чунин гуфта мешавад, ки агар мӯйлабча - як риштаи печхӯрдаи палак, ки дар назди ҳосил аст, хушк шуда бошад, пас мева пухтааст ва онро кандан мумкин мебошад.

Ҳангоми аз бозор харидани тарбуз ҳаракат мекунанд, ки сабуктарашро гиранд, зеро гуфта мешавад, ки тарбузи расида сабук мешавад. Харбузаи пухтарасида бошад, вазнин мегардад. Баъзеҳо тарбузаро ба назди гӯш бурда, бо ангушт ба пӯсташ мезананд, агар садои он бурро ва дарангосӣ барояд, гуфта мешавад, ки он ширин ва пухта расидааст.

Ислом РАҲИМОВ,
фарҳангшинос

АФЗОИШИ СОДИРОТИ ТАРБУЗ

Аз оғози соли равон Тоҷикистон наздик ба 600 тонна тарбузи барвақтиро ба хориҷ содирот кардааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта бамаротиб зиёд мебошад.

Вазорати кишоварзии Тоҷикистон сабаби афзоиши ҳосили тарбузро мусоид омадани обу ҳаво арзёбӣ кардааст. Бино ба иттилои вазорат, соли равон дар хоҷагиҳои ҷамоавию деҳқонӣ дар майдони 18 ҳазору 582 гектар полезӣ кишт карда шудааст. Аз ин рақам 14 ҳазору 674 гектар ба тарбуз рост меояд, ки 1 ҳазору 305 гектари он бо ҳосилнокии миёнаи 306 сентнер ҷамъоварӣ шуда, ҳосили умумӣ 39 ҳазору 984 тоннаро ташкил додааст. Тибқи иттилои Вазорати кишоварзӣ, асосан кишти тарбуз дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд ва навоҳии тобеи ҷумҳурӣ сурат гирифтааст.

pressa.tj

САРИ ШАЙТОН ДАР ДУМИ ТАРБУЗ

Баъзеҳо пеш аз тарбузро ду қисм кардан аввал думчаашро дар шакли гирд ё чоркунҷа бурида ҷудо мекунанд ва баъзан вақт онро реза-реза карда мепартоянд.

Рӯзе дар хонаамон устоҳо кор мекарданд. Вақти хӯроки нисфирӯзӣ устокалон вақте тарбузро пора мекард, чун анъана аввал думчаашро бурида, пасон онро реза-реза карда партофт ва баъд тарбузро ду қисм кард.

Кунҷкобиам баланд шуду сабаби инро аз усто пурсидам.

- Ин думчаи тарбузе, ки буридам, сари шайтон аст. Вақте онро мебурӣ, шайтон мемирад ва тарбуз ҳалол мешавад,- посух дод усто.

Солҳо гузаштанд, вале ҳамон қисса ҳанӯз ҳам дар ёдам аст. Ҳол он ки, хурофот будани ин риворятро дарк кардаам ва медонам, ки буридани думчаи тарбуз танҳо барои осон ба ду қисм ҷудо кардани он аст, на чизи дигар.

Лекин нафарони хурофотзада қариб ҳар рӯз як шайтонро ба воситаи тарбузу харбуза қурбонӣ мекунанд...

Зайнулло БОБОЕВ,
донишҷӯ

ИҚТИСОДИ

Оё роҳи Бутан моро



Насриддинов Фирӯзҷон Бобоевич,
профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Вақтҳои охир равишҳои байнисоҳавӣ оид ба тараққиёти иқтисодиёт дар тадқиқотҳои эмпирикӣ ва назариявии мамлакатҳои Ғарб торафт васеъ паҳн шуда истодаанд. Аз охири асри XX сар карда дар иқтисодиёт самти нави актуалӣ ва оянда-дор фаъолона инкишоф ёфта истодааст, ки дар чорроҳаи психология ва иқтисодиёт - иқтисоди хушбахтӣ ба вуҷуд омадааст.

Мафҳуми иқтисодиёти хушбахтӣ торафт бештар шуҳрат пайдо карда истодааст. Тадқиқотҳои ба ин самт дахлдорро дар асарҳои илмии хориҷӣ (Р. Истерлин, Д. Канеман, Э. Освалд, Р. Винховен ва ғайраҳо) ва муаллифони рус (В. Антропов, О. Антипина, К. Фрумкин, В. Бочко, Е. Румянтсева ва дигарон) дидан мумкин аст. Ин назария омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятиеро, ки хушбахтии инсонро муайян мекунанд, ба назар гирифта, вобастагии онро аз сатҳи рушди иқтисодии кишвар ошкор месозад, параметрҳои баҳодиҳии сатҳи хушбахтии ҷомеаро дар маҷмуъ ҷустучӯ мекунад.

Дар ҳама давру замонҳои мавҷудияти илми иқтисод иқтисодчиён таъкид мекарданд, ки сарват мақсади тараққиёти иқтисодиёт аст, танҳо он метавонад талаботҳои моддию маънавии одамонро пурра қонеъ гардонад. Аз дигар тараф, оё ҷомеа барои ба даст овардани сарват бояд бечунучаро талош кунад? Зеро ҳадафи ниҳоии аксари мардум хушбахту солим будан, ба даст овардани некӯаҳволӣ ва оромии рӯҳӣ аст.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки эҳсосоти хушбахтии инсони муосир, ки дар ҷомеаи истеъмолӣ зиндагӣ мекунад, торафт душвортар мешавад, зеро хушбахтии ӯ бештар ба сатҳи сарвати моддӣ вобаста аст. Иқтисодшиноси амрикоӣ Ҷ. К. Гэлбрейт менависад: «Маънои асосии эътиқоди муосир, ки дар назарияи иқтисодӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад ва аз ҷониби таблиғоту рекламаи тиҷоратӣ дастгирӣ карда мешавад, ин аст, ки хушбахтӣ ба даст овардани молҳову хизматрасониҳои истеъмолӣ мебошад». Аз ин рӯ, агар имконоти истеъмолии шахсе маҳдуд бошад, он гоҳ ӯ метавонад худро бадбахт ҳис кунад. Аз ҷониби дигар, касе, ки тамоми қувва ва вақти холии худро барои ба даст овардани сарватҳои моддӣ сарф мекунад, шояд хушбахтии ҳақиқиро эҳсос накунад. Одамон фаровонии истеъмолиро ба даст овардаанд, аммо дар пайи даромади бештар ва маҳсулоти нав маҷбур мешаванд, ки дигар сарчашмаҳои хушбахтии ғайрипулиро қурбон кунанд.

Ҷамъияти истеъмолӣ ногузир доираи одамони норозиро ба вуҷуд меорад, ки аз «дараҷаи зиндагонӣ»-и доимо афзудаистода қаноатманд нестанд. Бештар падидае ба миён омада истодааст, ки бо номи “дауншифтинг” (аз забони англ. downshifting) маълум аст. Дауншифтинг зуҳуроти ихтиёран рад кардани мақоми бадастомадаи иҷтимоӣ, болоравии мансаб ва бошуурона кам кардани даромад аст, ки мақсади асосиаш озод кардани вақт барои худ ва оила мебошад. Ин гуна одамон вақти холиро аз пул ва ҷамъоварии доимии неъматҳои моддӣ дида бештар қадр мекунанд. Дар ин замина як андешаи ҷолиберо Адам Смит дар асари худ «Назарияи эҳсосоти ахлоқӣ» баён кардааст. Вай таъкид мекард, ки хушбахтии асосиро зиндагии осудаву оромона муайян мекунад, ки бинобар хоҳиши бехтар намудани вазъи молиявӣ аз байн меравад.

Иқтисодиёти истеъмолӣ муносибати максималиро ташвиқ мекунад: рӯйхати эҳтиёҷот доимо ташаккул меёбад ва васеъ мешавад, ки дар натиҷа назар ба эҳтиёҷот маҳсулоти барзиёд истеҳсол карда мешавад. Аммо рушди иқтисод ҳамчун асоси афзоиши истеъмолӣ дорои захираҳои маҳдуди объективӣ аст, ки сабабгори маҳдудияти имкониятҳои иқтисодӣ мебошанд. Илова бар ин, ба эътибор нагирифтани ҷанбаҳои экологии истеҳсолот боиси ифлосшавии муҳити зист ва тезутунд шудани мушкилоти глобалии экологӣ мегардад.

Боз як тамоюли манфӣ ба миён меояд, ки моҳияти он дар тағйирёбии шуури ҷамъиятӣ бар асари арзишҳои муқарраршудаи ҷамъияти истеъмолӣ амалӣ мегардад. Ба гуфтаи иқтисодшиноси амрикоӣ Ҷеффри Сакс, имрӯз тамоми арзишҳои иҷтимоӣ барои ба даст овардани фоидаи иттиҳодиявӣ ҷалб карда мешаванд, ки бар дигар ниятҳои ғоявӣ: ростқавлӣ, адолат, эътимод, солимии ҷисмонӣ ва рухӣ ва устувории экологӣ бартарӣ пайдо мекунанд. Ин метавонад ба рушди инсоният хатари ҷиддӣ эҷод кунад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бомурур дарк карда истодааст, ки иқтисодиёти ҳозиразамон, ки ба афзоиши истеъмол ва зиёд кардани фоида асос ёфтааст, пешомад надорад, бинобар ин ҷамъият бояд арзишҳои асосии ҳаёти иқтисодиро аз нав дида барояд.

Дар натиҷаи ин мулоҳизаҳо дар соҳаи илм равишҳои нав ташаккул меёбанд, мафкураи ҷаҳонбинӣ аз нав дида баромада мешавад. Дар доираи як самти нави илмӣ - назарияи иқтисодии хушбахтӣ олимон идеологияи дигари рушди ҷомеаро пешниҳод мекунанд. Мақсади тараққиёти ҷамъият зиёд кардани сарват не, балки ба даст овардани хушбахтӣ барои ҳамагон мебошад. Аммо хушбахтии инсон бо чӣ ва чӣ андоза чен карда мешавад? То вақтҳои охир ин гуна саволҳо мавзӯи тадқиқоти сотсиологию психологӣ буданд, илова бар ин, тадқиқотҳои фалсафӣ низ зиёданд. Сарфи назар аз ғайриоддӣ будани мавзӯи тадқиқоти ин соҳа барои бисёре аз иқтисодчиён ва мураккабии арзёбии оморӣ, илми иқтисод ҳоло ба он таваҷҷуҳи фаъол зоҳир мекунад. Барои иқтисодчиён чен кардан ва баҳо додан ба хушбахтии ҷомеа душвор аст, зеро онҳо бояд ҷузъҳои хушбахтиро ҳисоб кунанд, ки арзиши пулӣ надоранд. Худи мафҳуми хушбахтӣ ҳанӯз аз доираи илми конкретии иқтисодӣ берун аст ва онро танҳо ба маънои идея, бо мафҳумҳои умумитарин ифода кардан мумкин аст.

Албатта, барои ҳар як фарди алоҳида қисматҳое, ки мафҳуми «хушбахтӣ»-ро ташкил медиҳанд, хеле гуногунанд, вале робитаҳои мусбати иҷтимоӣ (оилавӣ, динӣ, фарҳангӣ, миллӣ, дӯстӣ) маҳсусан муҳим мебошанд. Онҳо ҳаёти одамро пурмазмун ва пурбаҳо мегардонанд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки омилҳои асосии некӯаҳволии субъективӣ инҳоянд:

➔ **ҳаёт дар ҷомеаи демократии устувор, ки аз ҷиҳати моддӣ таъмин шудааст;**

➔ **дӯстон ва оилаи дӯстдошта;**

➔ **кори ҷолибе, ки даромади муносиб медиҳад;**

➔ **саломатӣ ва табобати дастрас;**

➔ **мавҷудияти ҳадафҳои ҳаётӣ, ки аз нигоҳи низоми арзишҳои худи шахс муҳим мебошанд;**

➔ **фалсафа ё дине, ки ба зиндагии шахсии худ роҳнамоӣ, ҳадаф ва маънӣ медиҳад.**

Чуноне ки бармеояд, маҷмуъ ва миқдори эҳтиёҷоти қонеъгардонидашуда ҳамчун хислати ҳаёти хушбахтона хизмат карда наметавонад. Нишондиҳандаҳои анъанавии некӯаҳволии кишвар - ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) ба ҳар сари аҳолӣ ё ИРИ (индекси рушди инсонӣ) - параметрҳои умумии иқтисодиёти миллӣ буда, бехтаршавии онҳо ба некӯаҳволии шахрвандони алоҳида вобастагии хаттӣ надорад. Бинобар ин, боз як нишондиҳандае лозим аст, ки аз доираи моддӣ берун баромада, дигар ҷиҳатҳои муҳими ҳаёти инсонро инъикос намояд. Тарафдорони назарияи иқтисодии хушбахтӣ ҳамчун нишондиҳандаи алтернативии пешрафт баҳисобгирии сатҳи хушбахтии умумии шахрвандонро пешниҳод мекунанд. Албатта, сатҳи хушбахтӣ на танҳо нишондиҳандаи рушди инсонӣ хоҳад буд, балки иловаи муҳим ба дигар нишондиҳандаҳост.

Салтанати хурди Ҳимолой Бутан дар омӯзиши алтернативии параметрҳои рушд пешрав буд. Дар соли 1972 подшоҳи ин кишвар Ҷигме Синге Вангчук пешниҳод кард, ки ба ҷои ММД некӯаҳволӣ бо чунин нишондиҳандае ба монанди хушбахтии умумии миллӣ (ХУМ), ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад, чен карда шавад:

➔ **таъмини рушди одилона ва иҷтимоию иқтисодӣ;**

➔ **ҳифз ва рушди арзишҳои фарҳангии анъанавӣ;**

➔ **ҳифзи табиат;**

➔ **идоракунии дурусти кишвар.**

Дар Бутан рушди кишвар бо тадбирҳои ҳифзи арзишҳои анъанавӣ - оила, фарҳанг, табиат ва дини буддоӣ ҳамроҳӣ карда мешавад. Натиҷаи чунин сиёсат чӣ гуна аст? Аз соли 1985 давомнокии миёнаи умри шахрвандони Шоҳигарии Бутан аз 48 то 66 сол зиёд гардид, шумораи фавти кӯдакон аз 142 фавт ба ҳар ҳазор нафар то 61 нафар коҳиш ёфт. Сатҳи саводнокӣ дар байни аҳолӣ аз 23 фоиз то 54 фоиз афзуд. Илова бар ин, шумораи муассисаҳои тиббӣ аз 65 то ба 155 адад расид. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ низ бехтар шуданд: ММД тақрибан 45% афзоиш ёфт, аз 445 миллион доллари ИМА дар соли 1999 то ба 645 миллион доллар дар соли 2003 расид. Чуноне, ки мушоҳида кардан мумкин аст, мафҳуми ба назар муваққатии «хушбахтии миллат», ки ҳамчун як дастури бунёдии рушди давлат муқаррар шудааст, афзоиши бисёр муҳимтарин нишондодҳои иҷтимоию иқтисодии кишварро таъмин кардааст.

Дар ҷаҳон дигар давлатҳо низ ба намунаи сиёсати Бутан пайравӣ кардан гирифтанд. Имрӯз иқтисодиёти хушбахтӣ дар сатҳи макро дар як қатор давлатҳои постиндустриалӣ ҳамчун як самти муҳим ва ояндадори илмӣ эътироф карда мешавад. Хабарҳо пур аз изҳорот аст, ки мақомоти як қатор кишварҳо нақша доранд дар ояндаи наздик диққати худро аз нишондиҳандаҳои миқдории иқтисодӣ ва молиявӣ ба арзёбии сатҳи хушбахтии умумии шаҳрвандони худ ҳангоми муайян кардани самаранокии сиёсати иқтисодӣ гузаронанд. Дар соли 2009 президенти Фаронса Николя Саркозӣ ҷорӣ кардани тадбирҳои нави дастовардҳои иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ: хушбахтӣ ва дастрасӣ ба хадамоти беҳдоштиро пешниҳод кард ва аз дигар кишварҳо даъват кард, ки ба Фаронса тақлид кунанд. Англия ба намунаи Фаронса пайравӣ кард: дар охири соли 2010 ҳукумати Британиё ба чен кардани "индекси хушбахтӣ" оғоз кард ва аз соли 2011 Идораи омори миллии Британиё аз сокинони кишвар дархост кард, ки беҳбудии онҳоро арзёбӣ кунанд. Ниҳоят, дар ибтидои соли 2011 маълум шуд, ки мақомоти Чин ҳангоми муайян кардани дараҷаи самаранокии кори мансабдорон аз баъзе нишондиҳандаҳои хушбахтӣ низ истифода хоҳанд кард.

19-уми июли соли 2011 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Бутан ва бо сарпарастии беш аз 50 давлат, аз ҷумла Фаронса, Британияи Кабир ва Ҷопон қарордодеро таҳти унвони «Хушбахтӣ: муносибати ҳамаҷониба ба рушд» қабул кард. Ақидае, ки дар қарордод баён карда шудааст, ба модели умумимиллии хушбахтии Бутан асос ёфтааст, ки дар он сифати зиндагонӣ аз рӯи таносуби байни моддию маънавӣ чен карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки майлу хоҳиши суботкорона аз ҳисоби дигар мақсадҳо зиёд кардани ММД боиси хушбахтӣ намегардад. Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид кишварҳои узвро даъват кардааст, ки ниҳондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодиро таҳия кунанд, ки аҳамияти ҷустучӯи хушбахтӣ ва некӯаҳволиро дар заминаи рушд беҳтар ба назар гиранд.

Пешниҳоди дигари мушаххаси арзёбии сатҳи хушбахтиро метавон индекси байналмиллалии хушбахтӣ (ИБХ, Happy Planet Index) арзёбӣ кард. Ин нишондиҳандаест, ки некӯаҳволии мардум ва вазъи муҳити зисти кишварҳои мухталифи ҷаҳонро инъикос мекунад, аз ҷониби таҳлилгарони маркази пажуҳишии британиёии New Economic Foundation дар моҳи июли соли 2006 пешниҳод шуда буд. Ҳангоми ҳисоб кардани ИБХ, се нишондиҳанда истифода мешаванд:

➔ **таъсири инсон ба табиат;**

➔ **давомнокии умр;**

➔ **некӯаҳволии одамон (қаноатмандии зиндагӣ).**

Дар рейтинги соли 2012 Коста-Рика кишвари «хушбахттарин» эълон гардид. Пешсафони рейтинг кишварҳои Амрикои Ло-

ХУШБАХТӢ

ба мурод мерасонад?

тинӣ, бархе аз кишварҳои арабӣ ва африқоӣ ҳастанд, ки ММД ба ҳар сари аҳолӣ баланд нест. Кишварҳои аз чиҳати иқтисодӣ пешрафта дар рейтинги хушбахтӣ мавқеи хеле хоксорро ишғол мекунанд, ки коршиносон онро бо таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист шарҳ медиҳанд. Мақсади асосии эҷодкорони ин нишондиҳанда нишон додани он аст, ки пешрафти моддӣ ва рушди иқтисодӣ ба таври худкор ба афзоиши қаноатмандии зиндагӣ оварда намерасонад. Тамоюли шабеҳро ҳанӯз дар солҳои 1970-ум Ричард Истерлин, профессори иқтисоди Донишгоҳи Каролинаи Ҷанубӣ қайд карда буд. Вай ба таъсири маҳдуди рушди иқтисодӣ ба сатҳи хушбахтии шаҳрвандон ишора кард. Дар як вақт, баробари афзудани сарват, хушбахтӣ ҳам зиёд мешавад, вале агар даромади мамлакат дар муддати дурудароз зиёд шуда, даромади ҳар сари аҳолӣ ба дараҷаи нисбатан баланд расад, ин муносибат аз байн меравад. Ин консепсия имрӯз ҳамчун “Парадокси Истерлин” маълум аст. Ба наздикӣ профессор якчоя бо ҳамкасбони худ ба манфиати назарияи худ далелҳои нав пешниҳод карданд. Тадқиқоти нав гувоҳӣ медиҳад, ки дар тӯли дарозмуддат муносибати қаблан тавсифшуда байни хушбахтӣ ва даромад дар саросари кишварҳо яксон аст. Маълумоти оморӣ аз як қатор кишварҳои рӯ ба тараққӣ, иқтисодҳои давраи гузариш дар Аврупои Шарқӣ ва интихоби васеи кишварҳои пешрафта истифода шудааст. Таҳлил нишон дод, ки дар муҳлати кӯтоҳ дар ҳар се гурӯҳи мамлакатҳо дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва дараҷаи хушбахтии аҳолӣ ба ҳам мутаносиб аст (дараҷаи қаноатмандии ҳаёт ҳангоми афзоиши иқтисодиёт баланд мегардад ва дар даврае буҳрони иқтисодӣ паст мешавад).



Аммо дар муддати тӯлонӣ (10 - 34 сол) ин намуна кор намекунад, бар хилофи интизорӣ, афзоиши сарват дар тӯли даҳсолаҳо одамонро хушбахттар намекунад.

“Парадокси Истерлин”-ро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки сатҳи хушбахтӣ на бо даромади мутлақ, балки бо даромади нисбӣ алоқаманд аст, яъне муқоисаи даромади худ бо даромади дигарон одамонро ё хушбахт мекунад, ё бадбахт. Одамон мехоҳанд, ки на танҳо худ сарватманд бошанд, балки аз дигарон сарватмандтар шаванд. Албатта, рушди иқтисодӣ ин талаботи ҳамаро қонеъ карда наметавонад.

Назарияи иқтисодии хушбахтӣ таносуби рушди иқтисодиро дар тарзҳои гуногун ва сатҳи хушбахтии аҳолии онҳо шарҳ дода, хулосаҳои зеринро пешниҳод мекунад. Барои кишварҳои камбизоат ва кишварҳои дорои бозорҳои рушдёбанда афзоиши ММД ду мушкилотро ҳал мекунад: баланд бардоштани некӯаҳволии моддӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии рӯҳии шаҳрвандон. Дар мавриди кишварҳои мутараққӣ бошад, азбаски дар онҳо масъалаи ноил шудан ба сатҳи баланди некӯаҳволии моддӣ ҳал шудааст, масъалаи баланд бардоштани некӯаҳволии рӯҳӣ дар мадди аввал меистад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «иқтисоди хушбахтӣ» дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ буда, имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои рушди инсон аз нигоҳи тоза назар андозем. Имрӯз барои аз нав дида баромадани асосҳои капитализм ва стратегияи тараққиёти сотсиалию иқтисодӣ, барои ба вуҷуд овардани системам нави хоҷагӣ - иқтисоди хушбахтӣ имконияти беназир ба вуҷуд омадааст. Албатта, ҳар кас ва ҳамаро комилан хушбахт кардан мумкин нест. Аммо вазифаи иқтисодиёти хушбахтӣ аз он иборат аст, ки шароите муҳайё карда шавад, ки дар он аз ҳаёт қаноатмандии моддӣ ва маънавӣ таъмин карда шавад. Шояд маҳз иқтисодиёти хушбахтӣ бошад, ки метавонад асоси модели нави рушди устувор гардад, ки на танҳо иқтисодиёти умумичаҳонӣ, балки ҳаёти ҳар як шахсро низ ба самти беҳтар тағйир дода метавонад. Ин модели рушд хоҳад буд, ки дар он на танҳо тавозуни оптималии байни ниёзҳои ҷомеа ва захираҳои маҳдуд пайдо мешавад, балки роҳҳои баланд бардоштани некӯаҳволии эмотсионалии инсоният низ пешниҳод карда мешаванд.



ЧУДО

МАРҲИЛАИ ЯКУМ ДАР СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН АНҶОМ ЁФТ

Бо се бозии даври панҷум марҳилаи якуми Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 анҷом ёфт.



Дар бозии марказии даври охирини марҳилаи аввал «Соро компания» бар дастаи навкори Суперлига- «Амонатбонк» бо ҳисоби 6:4 зафар ёфт. Дар ин вохӯрӣ ду корти сурх барои ду бозигар аз ҳарду даста нишон дода шуд. Аз дастаи «Соро компания» Муҳсин Муҳаммадзода ва Идрис Ёров корти сурх гирифта, аз тими «Амонатбонк» Султоншо Мирзоев ва Идибой Олимов муҷозот шуданд.

Дар бозии дигар бозигарони «Истиқлол» бо ҳисоби чордаҳ бар ду «Истаравшан»-ро шикаст доданд. Шавкат Ҳалимов, Арстанбек Турсунов, Насратшо Исмоилов, Комрон Алиев ва Иқбол Воситзода дуголӣ заданд.

Дастаи «Самандар»-и шаҳри Турсунзода баъди шикаст додани «Пойтахт» бо ҳисоби 8:5 ба аввалин пирӯзии мавсимии хеш расид.


Ҳамин тавр, баъди анҷоми марҳилаи аввали Суперлигаи Тоҷикистон «Истиқлол» ва «Соро компания» бо 13-имтиёзӣ дар садри ҷадвали мусобиқа қарор доранд.

Бо далели омодагӣ ва иштироки дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар мусобиқаи «CAFA Futsal Cup-2023» дар чемпионати кишвар танаффус эълон гардид. Даври дуюми Суперлига оғози моҳи август шуруъ мегардад.

ФУТБОЛ

ДУ МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Илдар Аҳмадиев ва Кристина Пронженко, намояндагони варзиши сабук аз Тоҷикистон, дар мусобиқаи байналмилалӣ дар Қазоқистон нишони тилло ва биринҷӣ ба даст оварданд.



Илдар Аҳмадиев варзишгари Мактаби чумҳуриявии маҳорати олии варзиши варзиши сабук аст, ки дар 32-юмин мусобиқаи байналмилалӣ ба хотираи Гусман Косанов, ки дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, сазовори медали тилло шуд. Дар ҳайати дастаи мунтахаби варзиши сабуки Тоҷикистон Илдар Аҳмадиев дар ҷаҳиш ба дарозӣ бо натиҷаи 7.39 метр ҷойи якумро сазовор гардид.

Ҳамчунин нишони биринҷии ин мусобиқаро намояндаи дигари Тоҷикистон Кристина Пронженко соҳиб шуд. Ӯ тавонист, ки дар масофаи 400-метраи дави озод натиҷаи 1:06.39-ро нишон диҳад. Аз миёни варзишгарони дигари Тоҷикистон шомили панҷгонаи беҳтаринҳо ҳамчунин Леонид Пронженко гардид. Дар масофаи 110 метри дави озод ӯ бо натиҷаи 15.00 зинаи чорумро ишғол кард.

Дар мусобиқа дар умум 200 варзишгар аз 12 кишвари дунё ба шумули Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Эрон, Чин, Ҷопон, Тайланд, Гурҷистон ва Ҳиндустон иштирок доштанд.

ҶОМИ ОСИЁ



ДАР ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН-2023 ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА ФАРО РАСИД

Бо анҷоми панҷ бозии мавқуфгузоштаи даври панҷуми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 таътили тобистона фаро расид, ки як моҳ идома хоҳад кард.

- Дар ин муддат бошгоҳҳои Лигаи олӣ метавонанд ба ҳайати худ ислоҳот ворид кунанд,- хабар медиҳад Федератсияи футболи Тоҷикистон.

«Истиқлол»-и Душанбе пешсафи ҷадвали чемпионат аст. Шогирдони Игор Черевченко дар 13 бозӣ 29 имтиёз ба даст овардаанд. Дар зинаи дуюми ҷадвал «Кӯктош» ҷойгир аст. Шогирдони Аҳлиддин Турдиев дар 14 вохӯрӣ 25 имтиёзро соҳиб шудаанд. Дастаи «Равшан»-и Кӯлоб мақоми сеюмро касб кардааст.

Нимаи дуюми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 бо бозиҳои даври понздаҳум рӯзҳои 3 ва 4-уми август оғоз мешавад.

ФУТЗАЛ

ҚУРЪАКАШИИ ДАВРИ ҲАШТЯКНИҲОЙ БАРГУЗОР ШУД

1-уми июл дар шаҳри Душанбе маросими қуръакашии 1XBet-Ҷоми Тоҷикистон-2023 баргузор шуд. 16 даста ҳарифи худро дар даври 1/8-ниҳоӣ маълум карданд.

Барои дарёфти ҷоизаи мазкур даҳ дастаи Лигаи олӣ ва шаш дастаи Лигаи якум, ки тариқи марҳилаи муқаддамотӣ ба қисмати асосӣ роҳ ёфтанд, рақобат мекунанд.

Тибқи натоиҷи қуръакашӣ дар бозиҳои даври ҳаштякниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2023, ки рӯзҳои 29 ва 30-юми июл баргузор мешаванд, «Истиқлол» бо КМВА, «Файзканд» бо «Саройкамар», «Хуҷанд» бо «Регар-ТадАЗ», «Панҷшер» бо «Эсхата», «Моҳир» бо «Истаравшан», «Парвоз» бо «Хатлон», «Ҳосилот» бо «Барқчӣ» ва «Кӯктош» бо «Равшан» бозӣ мекунанд.

Бозиҳои даври ҳаштякниҳоӣ ва чорякниҳоии Ҷоми Тоҷикистон аз як бозӣ иборат буда, дар майдони дастае, ки дар ҷуфт аввал аст, доир мешавад. Вохӯрии ниманиҳоӣ аз ду бозӣ - дар хона ва дар сафар иборат аст. Бозии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2023 дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Кӯлоб баргузор хоҳад шуд.



РЕЗААХБОР

Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) қоидаи нави ҳолати нобозӣ (офсайд)-ро тасдиқ кард. Аз ин пеш агар як қисми бадани ҳамлавар аз муҳофиз пеш мебуд, ҳолати нобозӣ ҳисоб мешуд, ҳоло тибқи қонуни нав бозигари ҳамлавар агар пурра аз ҳарифи муҳофиз пеш бошад, офсайд ҳисобида мешавад. Нидерланд, Шведсия ва Итолиё аввалин кишварҳое ҳастанд, ки ин тарҳи навро ҷорӣ хоҳанд кард.

***

Федератсияи байналмилалии ҷудо тақвими мусобиқоти соли 2024-ро тасдиқ кард, ки дар он рӯзҳои баргузории Гран Прии Душанбе низ маълум шуданд. Ин мусобиқа рӯзҳои 3-5-уми майи соли 2024 баргузор мешавад. Дар Гран Прии Душанбе-2023, ки бори аввал дар Тоҷикистон баргузор шуд, 315 варзишгар аз 40 кишвар дунё иштирок карданд.

***

Клуби футболи «Ал-Аҳлӣ» аз харидани футболбози маъруфи бразилӣ Роберто Фирминио хабар дод. Дастаи арабӣ бо футболбози собиқи «Ливерпул» (Англия) то соли 2026 шартнома бастааст. Фирминиои 31-сола мавсими гузашта дар 25 бозӣ ширкат карда, 11 гол задааст. Дастаи «Ал-Аҳлӣ» чанде пеш бо дарвозабони «Челси» (Лондон) низ шартномаи ҳамкорӣ баста буд.



***

Лигаи футболи Тоҷикистон дар таътили тобистона барои дастаҳои ҷавononи Лигаи олӣ Ҷоми «Ҷавонӣ»-ро баргузор мекунад. Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 60 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ ба гурӯҳи «А» «Ҳосилот», «Файзканд», «Эсхата» ва «Регар-ТадАЗ» шомил гардиданд. Гурӯҳи «Б» аз «Хуҷанд», «Хатлон» ва «Кӯктош» иборат аст. Дар гурӯҳи «В» дастаҳои «Истиқлол», «Равшан» ва КМВА бозӣ мекунанд.

«МАН АЗ БЕГОНАГОН ҲАРГИЗ НАНОЛАМ...»

ВКД Қазоқистон як тоҷикистониро бо ҷурми одамкушӣ ҳабс кард.

Ба иттилои манбаъ, ҷасади ду шаҳрванди 34 ва 27-солаи Тоҷикистон аз хонаҳои шаҳри Каскелен бо зарбаи корд ёфт шуда, ҳодисаро як зани қазоқ дида, ба мақомот мурочиат кардааст. Дар пайи ҷустуҷӯ макони муттаҳам низ мушаххас шуда, боздошт гардидааст. Гумонбаршуда низ аз Тоҷикистон буда, 43 сол доштааст. Ҳоло ҷинояткор дар ҳабси пешакӣ қарор дорад.

ҶАНҶОЛ БАРОИ ДӮСТДУХТАР

Прокуратураи шаҳри Душанбе Валиҷон Шеров ном як ҷавонро барои куштани ду кас ба муддати тӯлонӣ равонаи зиндон кард.

Ба гуфтаи прокуратура, номбурда бо як ҷавони дигар барои духтаре телефонӣ ҷанҷол карда, баъд бо рафиқони худ дар назди бозори “Сомон”-и Душанбе рӯ ба рӯ вохӯрдаанду ҷанҷолу кордкашӣ кардаанд. Ҳангоми ҷанҷол В. Шеров ду нафарро бо корд мезанад, ки ҳарду, аз ҷумла як ноболиғ ҷон медиҳанд. Прокуратура В. Шеровро ҳабдаҳуним сол зиндонӣ кард.

ТЕРРОРИСТИ ТОҶИКРО АЗ ОЛМОН ЁФТАНД

Дар Олмон як шаҳрванди Тоҷикистонро бо иттиҳоми пайравӣ аз ДИИШ боздоштанд.

27-уми июн мақомоти интизомии Олмон ба хонаи Бобочон Қарабоев вокеъ дар шаҳраки Людвигсштадти Бавария даромада, ӯро боздошт кардаанд.

Прокуратура ӯро барои ҳамдастӣ бо ДИИШ гумонбар дониста, мегӯяд, ки ӯ соли 2015 дар Маскав ба сафи ДИИШ ҷалб шуда, моҳи апрели ҳамон сол тавассути Туркия ба Сурия рафта, дар Палмир таълимоти ҳарбӣ гирифта, дар амалиётҳо иштирок кардааст.

Номбурда пас аз 4 моҳ аз Сурия ба Туркия гурехта, вале ба дасти мақомоти тоҷик супорида шуд, вале мақомоти Тоҷикистон ба сабаби ихтиёран баргаштану пушаймон шудан ӯро авф мекунанд. То ҳол маълум нест номбурда кай ба Олмон рафтаву чаро боз ба “терроризм” гумонбар аст ва ба Тоҷикистон истирдод мешавад ё не.



БОНКДОРИ ТОҶИКРО КӢ ДУЗДИД?

Муовини раиси "Ориёнбонк" Шуҳрат Исматуллоеви 49-сола шоми 23-юми июн аз назди манзилаш дар маркази Душанбе, кӯчаи Закариёи Розии ноҳияи Исмоили Сомонӣ рабуда шуд.

$30 ҳазор мукофот

Ба гуфтаи ВКД, 4 ношиноси ниқобдор ӯро ба мошини сиёҳи "Hyundai Sonata" ба зӯрӣ савор карда, тавассути хиёбони Рӯдакӣ, маҳаллаи Хуҷамбиёи Боло ва бозори Кӯшониён ҳаракат карда, охирин маротиба дар ҳудуди маҳаллаи “Чағатой” дида шуда, пас аз он ғайб задаанд. Номбурдагон барои пеш наомадани монеа рақами 11-рақама омода кардаанд. Дар роҳ кормандони БДА онҳоро мошини сохтори қудратӣ гумон карда, манъу тафтиш накардаанд. Номбурдаро ҷиноятқорон ба самти ноҳияи Айнӣ бурдаанд. Кормандони КХФ як ҳафта боз дар дарёи Зарафшон дар пайи ҷустуҷӯи вай буданд, вале наёфтанд. ВКД барои ёбандаи Исматуллоев $30 ҳазор ҷоиза муқаррар карда буд. Гуфта мешавад, ки мошини онҳо дар километри 118-уми роҳи Душанбе-Хуҷанд ба дарё партофта шудааст.

Баъдтар мақомот гуфтанд, ки 4 нафар корманди ҳифзи ҳуқуқ ба гумони даст доштан ба ин кор боздошт шудаанд.

Гумонбар дар Молдова

Бегоҳии 30-юми июн шахсеро бо номи Рустам Ашӯров, ки 43 сол дошта, сокини шаҳри Душанбе будааст, зимни задухӯрд ва тирпарронӣ дар фурудгоҳи Кишинёви Молдова дастгир карданд. Маълум шуд, ки номбурда бо сабаби номаълум барои даромадан ба ҳудуди Молдова посухи рад гирифта, ҳангоми интиқол ба минтақаи безарар барои бозгашт кашмакаш карда, силоҳи маъмури фурудгоҳро мусодира кардааст ва миёни ду ҷониб тирпарронӣ рух додааст. Зимни тирпарронӣ ду полиси Молдова - як марзбон ва як афсари амнияти фурудгоҳ кушта, як мусофир захмӣ ва чанд тани дигар гаравгон гирифта шудааст. Р. Ашӯров ҳангоми саркашӣ 10 тир хӯрда, зимни ҷарроҳӣ як қисми шушаш гирифта шуда будааст. Ӯ таҳти назорати табибон ва нозирони полис се рӯз беҳуш будааст, вале бар асари захмҳои вазнин 4-уми июл ба ҳалокат расидааст. Муайян шуд, ки Ашӯров тавассути Туркия ба Молдова рафта, мехостааст, ки аз онҷо ба кишварҳои Аврупо паноҳ барад.



Рустам Ашӯров кист?

Пас аз ин ҳодиса, 1-уми июл мақомоти Тоҷикистон изҳорот доданд, ки маҳз ҳамин одам Исматуллоевро рабудааст. Номбурда 10 рӯз боз гум будааст. Онҳо хостаанд, ки чинояткор истирдод шавад, вале ҷониби Молдова аз ин ҳуддорӣ карда, эълом доштааст, ки қазияи ӯро дар худи Молдова муҳокима хоҳанд кард ва ба ӯ ба гуфтае ҳабси абад ва ба қавли дигар то 20 соли зиндон таҳдид мекард. Ба зидди Ашӯров аввал бо иттиҳоми терроризм ва баъд “куштори ду кас” парванда боз шуда буд.

2-юми июл як гурӯҳ аз мақомоти расмии Тоҷикистон барои таҳқиқи қазия ба Молдова роҳсипор шудаанд.

Манобеъ меафзоянд, ки Ашӯров соли 2012 ҳам бо гумони ҳамла ва ғорати $100 ҳазор ба муҳлати 9,5 сол маҳбус шуда, тақрибан 2 сол пеш озод шуда будааст. Ҳамон замон аз ӯ ду таппончаи “Макаров”-ро бо 7 тир мусодира карда будаанд. Ба гуфтаи як манбаъ аз ин ҳодиса пеш Ашӯров 7 сол дар ниҳоди қудратии Тоҷикистон кор карда будааст.

ПАДАР ДАР ЗИНДОН, ПИСАРРО ДАР РУСИЯ КУШТАНД...

Хуҷанобиддин Бобиев, шаҳрванди зиндонии Тоҷикистон дар Екатеринбург аз мақомоти Русия хостааст, барояш иҷоза диҳанд, ки дар маросими дафни писари 6-солааш Далер Бобиев дар ин кишвар иштирок кунад.

Ҷасади Далер Бобиевро дар охири моҳи июни имсол аз як гараж дар шаҳри Екатеринбург ёфтанд. Мақомот гуфтанд, кӯдак ҳанӯз 6 моҳ пеш кушта шудааст ва дар марги ӯ парастор ё модархондаш гумонбар аст.

Далер Бобиеви шашсола фарзанди Хуҷанобиддин Бобиев, зодаи ноҳияи Хуросони Тоҷикистон ва шаҳрванди Русия аст. Падари кӯдак чанд сол пеш ба иттиҳоми роҳзанӣ зиндонӣ шуда буд. Модари биологии кӯдакро ба далели майзадагӣ аз ҳаққи модарӣ маҳрум карда, Далерро бо қарори мақомот муваққатан ба парастории ба як оила дар Екатеринбург додаанд. Рӯзи 26-уми июн модархонди кӯдак эълон кард, ки Далер нопадид шудааст ва сокинони зиёде ба ҷустуҷӯи тифл пайваста, баъд аз 3 рӯз ҷасади ӯро дар гараже дар назди манзили истиқоматии оилаи парастораш Веронника Наумова пайдо карданд.



Бино ба фарзияи мақомоти интизомӣ дар Екатеринбург, кӯдак сеюми декабр фавтида, парастораш тамоми ин муддат ҷасади ӯро пинҳон доштааст.

МИЛИСАЗАНҲО ДАСТГИР ШУДАНД

9 истаравшаниро барои латукӯбу таҳқири 3 милиса боздоштанд.

Ҷиноятқорон сокинони деҳаи Лакат буда, “монеи иҷрои фаъолияти хидматии онҳо шудаанд”. Ҳодиса 31-уми май, вақте ки милисаҳо барои таҳқиқи як хабари фаврӣ дар заминҳои хоҷагии деҳқонии ин деҳа омада буданд, рух додааст. Сабаби ҷанҷол чист, маълум нест, аммо нисбати 9 нафар парвандаи ҷиноятӣ ва 18 каси дигар парвандаи маъмурӣ боз шудааст.

Дар байни боздоштшудаҳо директори як мактаби шаҳр ҳам будааст, ки ба гуфтаи мақомот "ба ҳамдеҳагонаш кумак кардааст".

ҲАБСИ БЕШ АЗ 17,5 ҲАЗОР ҲОҶӢ

Дар Арабистони Саудӣ 17 615 зоирро барои бе иҷоза ҳаҷ рафтан ҳабс карданд. 9509 каси онҳо вайронкунандагони қоидаҳои будубош, кор, амнияти марзӣ, инчунин созмондиҳандагони 105 сафари қалбакӣ ба ҳаҷ мебошанд.

202695 нафар ва 129 ҳазор мошинро, ки бе иҷоза ба Макка ворид шуданӣ буданд, бозпас баргардонидаанд. 33 нафар барои беиҷоза бурдани ҳоҷиён боздошт шудаанд. Гуфта мешавад, ки ҳамаи онҳо муҷозот хоҳанд шуд.

БО ЯК ФАРМОН ПАН СУДЯ АЗ ВАЗИФА ОЗОД ШУДАНД

30-юми июн Эмомалӣ Раҳмон бо судури як фармон 5 судяро бо сабабҳои ба нафақа баромадан ва гузаштан ба кори дигар аз вазифа озод кард.

Ҳамин тавр, Гиёзода Мирзоисмон Қурбон аз вазифаи раиси Суди шаҳри Душанбе, Абдуллозода Музафар Ҷафар аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва Ашурмамедова Маърифат Гулбековна аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе бо сабаби расидан ба синни нафақа озод карда шуданд.

Оқилзода Бахтиёр Даврон аз вазифаи раиси Суди вилояти Суғд ва Ҷурахонзода Масрур Ҷурахон аз вазифаи муовини раиси Суди шаҳри Ҳисор бо сабаби ба кори дигар гузаштан озод карда шуданд.

Б. Оқилзода ва М. Ҷурахонзода чӣ вазифа гирифтанд, маълумоте нест.



НУРҲОИ ОДАМСЎЗ

10 қоидаро риоя намову солим бош!

Гармои шадиди тобистон водор мекунад, ки дар низоми зиндагонии худ баъзе тағйирот ворид созем, то ба гармо мутобиқ шавем, саломатии худро ҳифз намоем. Ҳангоми гармии тоқатшикан боло рафтани ҳарорати бадан (болотар аз меъёри 37,0°С) душмани аслии саломатии инсон аст.

Тӯли таърихи дароз башар қонунҳоеро ҳам кашф кард, ки метавон онҳоро муқовимат бо гармо номид. Инҳо тадричан ба сурати қоидаҳои бехатарӣ тасвир шуданд ва чун тавсияҳои комилшуда барои ҳамаи касоне, ки дар иқлими гарм ҳаёт ба сар мебаранд ва ё мавсими тобистонро дар тафреҳгоҳҳои махсус пушти сар мегузоранд, ироа гардиданд.

Инак, чанд қоидаи муҳимро пешкаши шумо менамоем:

➔ **1.** Тӯли рӯз тирезаҳои хонаатонро пӯшида нигоҳ доред, бахусус агар онҳо рӯ ба офтоб боз мешаванд. Шабонгаҳон, вақте ҳарорати ҳаво дар кӯча поин аст, метавонед тирезаҳоро боз монед, албатта агар ин бехатар бошад.

➔ **2.** Ҳангоми тоза кардани ҳавои манзил дар рӯзҳо ва шабҳои гарм кӯдаконро дар хона тани танҳо нагузоред.

➔ **3.** Як обпоши оддӣ харед ва ҳангоми гармӣ аз вақт ба вақти дигар манзил ва атрофро об пошед.

➔ **4.** Агар дар хона ҳавополо доред, пас талош накунед ҳароратро аз +22 +23 дарача паст намоед. Маъмулан ҳама гуна касалиҳои вобаста ба сармохӯрдагӣ дар тобистон бар асари нодуруст истифода шудан аз дастгоҳҳои сардсозии ҳаво дар хона ва сӯйистифода аз нӯшокиҳои сард ва яхмосҳо ба вуҷуд меоянд.

➔ **5.** Нагузоред, ки ҳарорати баданатон хеле гарм шавад, бештар об нӯшед. Баданатонро бо оби сард пок кунед, вориди душ шавед, аз саратон об резед, пойҳоятонро муддатҳо дар оби сард нигоҳ доред.

➔ **6.** Аз нурҳои мустақими офтоб дурӣ чӯед ва талош кунед ҳамеша дар соя бошед, то имкон доред, дар айёми гарми рӯз, аз соати 11 то 16 бе зарурат ба кӯча набароед. Бахусус, тавсия намешавад, ки шумо дар ин соатҳо бо кӯдакон гардиш кунед. Аз корҳои ҷисмонии вазнин низ парҳез кунед.

➔ **7.** Дар тан либосҳо аз матоъҳои табиӣ дошта бошед, дар сар кӯлоҳи калони соядор, айнакҳои ҳимоя аз нури офтоб ва чатр гиред.

➔ **8.** Бештар об нӯшед, мева истеъмол намоед, чун меваҳо дорандагони аслии ҳар гуна витаминҳо ва намакҳои минералӣ мебошанд. Хуб мешавад, ки оби чӯшонида ва муносиб ба ҳарорати хона истеъмол кунед ва ё обҳои бегази минералӣ нӯшед. Бубинед, ки об зиёд сард набошад, зеро ин муҷиби сироят ба беморихои гулӯ шуда метавонад ва бар асари он сироятпазирии бадан паст мешавад. Аз нӯшидани обҳои ширин ва газдор, ҳамчунин шароб парҳез намоед.

➔ **9.** Бачаҳоро дар воситаҳои нақлиёт нигоҳ надоред. Пеш аз он ки ба мошине нишинед, ки дар офтоб истодааст, дару даричаҳои онро аввал боз кунед ва аз рӯи имкон ҳавополои онро фаъол намоед.

➔ **10.** Шахси гармозадаро зуд дар соя хобонед, дар ҷое, ки шамолрас бошад; ӯро маҷбур созед, ки қатра-қатра об нӯшад, баданашро бо матоъи намдор тоза кунед. Баъзан лозим меояд нафаси сунъӣ ва ё маҳси дил анҷом диҳанд.

Ва дар охир, ҳангоми истироҳат ва оббозӣ хеле бояд эҳтиёт кард, қоидаҳои бехатариро дар ҳавзҳо, соҳили рӯдхонаҳо, каналҳо, обанборҳо риоя намоед.

ХАТАР БА МАЙНАИ САР

Нӯшокиҳои ширини газнок, ки дар фасли тобистон зиёд истеъмол мешаванд, ба саломатӣ зарари зиёд доранд.

Чанде пеш олимон исбот карданд, ки ин нӯшокиҳо ба мағзи сар ва вазифаҳои он таъсири хеле манфӣ мерасонанд. Холли Клеймер аз таҳқиқоти охир ба хулосае омад, ки нӯшокиҳои ширини газнок хатари бемории Алтсгеймерро се маротиба зиёд мекунанд. Як табиби дигар ба ёд овард, ки дар нӯшокиҳои газнок одатан миқдори зиёди кофеин мавҷуд аст, ки сифати хобро паст мекунад, стӣ ва асабониятро ба вуҷуд меорад. Инчунин, ба наздикӣ маълум шуд, ки миқдори зиёди кофеин фишори чашмро афзоиш медиҳад, ки ин дар навбати худ ба бемории чашм оварда мерасонад.



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта худро хеле хуб ҳис мекунед. Ин рӯзҳоро барои мустаҳкамсозии саломатӣ истифода баред. Душанбе барои тоза кардани организм аз заҳру ифлосиҳо мусоид аст. Масъалаҳои зиёди кориро бо осонӣ ҳал мекунед.



Савр
21.04 - 21.05

Нимаи аввали ҳафта муносибатҳои ошиқонаатон рӯ ба беҳбудӣ меоранд. Ошиқони қаҳришуда бо ҳам оштӣ мешаванду аз муноқиша дарси ибрат мегиранд. Нимаи дуюми ҳафта ба саломатии худ диққати хоса дода, бештар об истеъмол кунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нимаи аввали ҳафта ба корҳои хона диққати бештар ҷудо кунед. Агар шумо бо волидон ё бо модаркалону бобоятон зиндагӣ мекарда бошед, онҳо ба кумаки шумо ниёз пайдо мекунанд. Аз пайи рафъ намудани камбудиҳои наздикони худ шавед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи бобарор аст. Корҳоятон бобарору табъатон болида, зеҳнатон тез ва пухтакор мешавед. Барои ба анҷом расонидани сафарҳои кӯтоҳмуддат ва дилхушкунандаи берун аз шаҳр, вохӯрӣ бо дӯстон, муошират бо телефон рӯзҳои мусоиданд.



Асад
23.07 - 22.08

Нимаи аввали ҳафта серташвиш бошад ҳам, истироҳатро фаромӯш накунед. Дар ҷодаи касбӣ ва масъалаҳои молиявӣ муваффақ мегардед. Масунияти бадан баланд гашта, бо осонӣ зукому шамолкаширо паси сар менамоед. Ҳангоми кор бо асбобҳои техникӣ эҳтиёткор бошед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Агар бо дӯстдоштаатон қаҳрӣ бошед ё дар муносибатҳоятон нофаҳмӣ рух дода бошад, аз ҳамин ҳафта сар карда, ба ҳамдигарфаҳмӣ омаданатон осон мегардад. Танҳо баъди ҳамин муносибатҳои ошиқонаатон тобиши тоза мегиранд.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳар гаперо, ки дар дил доред, ба забон наоред, вагарна чанд нафарро меранҷонед. Миёнаи ҳафта имкони ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Рӯзи ҷумъа чанд хабари ногувор мешунавед. Охири ҳафта барор ҳамсафари шумо мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Нимаи аввали ҳафта дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ фаъол бошед. Бо дӯстону нафарони даркорӣ муносибатҳои хубро нигоҳ доред. Дар ин рӯзҳо аз ҳаёту зиндагии шиносу хешовандон, дӯстону ҳамсояҳо бохабар шуда метавонед.



Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи аввали ҳафта тамоми фикру зикри худро барои рафъ намудани мушкилоти молиявӣ равона созед. Айни замон вазъият дар ҷои коратон хеле бобарор аст, ба шумо мукофотпулӣ медиҳанд ё ба таври дигар қадрдонӣ менамоянд.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Нафароне, ки кор мекунанд, дар робита бо роҳбарият дучори нофаҳмӣ мегарданд. Қабл аз он ки супоришеро иҷро менамоед, чӣ хостани роҳбаратонро аниқ сохта, баъдан амал намоед. Фикрҳои мағшуширо ба сар роҳ надиҳед, бадгумон нашавед.



Далв
21.01 - 19.02

Нимаи аввали ҳафта ҳаёти орому осоиштаро пеш баред. Нисбати ҳодисаҳои пурасрору пурмуаммо мароқ зоҳир менамоед. Агар мушкилие азобатон медода бошад, дар ин рӯзҳо бисёр чизҳое, ки қаблан дастнорас буданд, ба осонӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Нимаи аввали ҳафта барои мустаҳкамсозии муносибатҳои оилавӣ даврai мусоид аст. Шахси дӯстдоштаатон рафтори худро ислоҳ карда, меҳрубонтар мегардад. Ҳафта барои вохӯриву нишастҳои дӯстона созгор аст. Эҳтимол шуморо ба маъракаи тантанавие даъват мекунанд.

ТАФСИРИ НАХУСТИНИ ТИРМИЗӢ ПАЙДО ШУД

“Баҳр-ат-тафсир” (ё “Уммони тафсир”) яке аз асарҳои муҳими Имом Тирмизӣ дар шарҳи Қуръон, ки солҳо муҳаққиқон гумшуда мепиндоштанд, пайдо шуд. Ин асар, ба қавли пажуҳишгарон, нахустин шарҳи Мусҳафи Шариф дар Мовароуннаҳр аст.



Фарзанди бузурги миллати тоҷик Абуисо Муҳаммад Тирмизӣ яке аз 6 муҳаддиси муътабари суннӣ аст. Соли 824 дар деҳаи Буғ (ҳоло Шеробод)-и тобеи шаҳри Тирмиз ба дунё омадааст. То синни 26-солагӣ ба омӯзиши улуми динӣ, аз ҷумла назди Имом Бухорӣ (810-870), машғул буд. Минбаъд бо мақсади идомаи таҳсил дар талаби илм ба гӯшаҳои гуногуни Хилофати Араб сафар карда, доираи дониши хешро васеъ гардонид. Дар аснои сафар бо бисёр донишмандони маъруфи замона шиносоӣ пайдо кард. Ҳадисҳои наве ҷамъ овард, ки дар маҷмӯаҳои то он замон мураттабгардида дучор намеомаданд. Дар охири умр нобино шуд, аз ин рӯ, гоҳе бо лақаби «Зарир» низ ёд мешавад. Мазори Имом Тирмизӣ дар деҳаи Шерободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон маъруф ва машҳур аст.

Имом Тирмизӣ дар тӯли зиндагии хеш зиёда аз даҳ асари муҳим навиштааст. Дар байни мероси адабии ӯ, бешубҳа, асари «Ал-Ҷомеъ» аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин асар бо номҳои «Ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ» («Маҷмӯаи муътамад»), «Ал-Ҷомеъ ал-кабир» («Маҷмӯаи бузург»), «Саҳеҳ ат-Тирмизӣ», «Сунан ат-Тирмизӣ» («Сунатҳои ат-Тирмизӣ») мавриди истифода қарор гирифта мешавад.

Асари дигари калонҳаҷми муаллиф «Аш-шамоил ан-Набавия» («Фазилатҳои махсуси Пайғамбар (с)») ном дорад, ки дар баъзе сарчашмаҳо «Аш-шамоил ал-Муҳаммадия», «Аш-шамоил фи шамоил ан-Набӣ саллаллоҳу алайҳи ва саллам» низ номида мешавад. Ҳамчунин, асарҳои «Китоб ат-таърих», «Китоб ал-илал ас-сағир ва ал-илал ал-кабир», «Китоб уз-зуҳд» («Китоб дар бораи тақво»), «Китоб ал-асмо вал-куняҳ» («Китоб дар бораи ном ва лақабҳои ровиён»), «Ал-илал фил-ҳадис» («Дар бораи нуқсонҳо ва мушкилот дар аҳодис»), «Рисола фил-хилоф вал-ҷадал» («Рисола дар бораи ихтилоф ва мубоҳисаҳо дар аҳодис»), «Асмо ус-саҳоба» («Номҳои саҳобагони Пайғамбар (с)») низ ба қалами Имом Тирмизӣ тааллуқ доранд.

Ҷойи таъкид аст, ки осори Имом Тирмизӣ танҳо маҷмӯи илмҳои диниро дар бар нагирифтааст, балки дар асарҳояш роҷеъ ба илмҳои дунявӣ маълумоти фаровон медиҳад. Масалан, дар шоҳасари ӯ “Ал-Ҷомеъ” оид ба таърих, мантиқ, ҳуқуқшиносӣ, табобат, зироат ва ғайра маълумотҳои пураризиш дарҷ ёфтааст. Ҳамчунин, аллома “Наврӯзнома” ном асари шоҳкор дорад, ки дар бораи ҷашни Наврӯз маълумоти фаровон медиҳад.

«Баҳр-ат-тафсир» («Уммони тафсир») низ яке аз шоҳасарҳои Имом Тирмизӣ аст. Бино ба навиштаи муҳаққиқон, ин тафсир нахустин шарҳи Қуръони маҷид дар Мовароуннаҳр мебошад. Китоби мазкур солиёни зиёд гумшуда пиндошта мешуд. Вале дар ин авохир Ҷӯрабек Чӯтматов, ходими калони илмии Маркази байналмилалии пажуҳишгоҳи Имом Тирмизӣ, доктори илмҳои фалсафа дастнависи ин асарро дар Бурдури Туркия пайдо карда, ба чоп омода кардааст. Асар дар нашриёти «Дор ал-кутуб-арабия»-и Истанбул ба забони арабӣ ба табъ расидааст. Асар ба забони ӯзбекӣ низ нашр шудааст.

Шарқшиносон ва исломшиносон пайдо шудани ин асарро бозёфти муҳим арзёбӣ мекунанд.

Умед аст, ки аҳли илми тоҷик низ ба ин асар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд...

О. СОҲИБЗОДА

ОДАМГАРӢ

Суннати неки тоҷикӣ куҷо шуд?

(Аввалаш дар саҳ.3)



Пас аз кашолкории ҳамкори қаблии он фарди бемор, волидонаш тариқи телефон аз дигар ҳамкори ӯ, ки дар масофаи начандон дур аз хонаи он корманди бемор истиқомат доштааст, хоҳиш кардаанд, то ҳуҷҷатҳои болозикрро ба ҷойи кори ҳамкасбаш дастрас намояд ва ин «дӯсти бемор» низ тӯли чанд рӯз ваъдаи ба хонаи онҳо омада гирифтани он ҳуҷҷатҳоро додаву аз ӯ дараке нашудааст.

Чунин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзе инсонҳо хислати хуби одамгариро гум карда истодаанд ва фикру хаёли аксари чунин ашхос танҳо ба «пулкоркунию сарватҷамъкунӣ» банд аст.

Мо ба ин дунёи фонӣ барои он омадаем, ки бо амалҳои хеш аз худ номи некро боқӣ гузорем, ба наслҳои ҷавон ибрат бошем ва дар рушди босуботи ҷомеа саҳми арзандаи худро гузорем. Рисолати инсонии мо дар он аст, ки дар мавридҳои зарурӣ дасти корафтодаеро гирифта, барои иҷрои амалҳои хубу савоб ҳам омода бошем.

Наход дар як идора чандин сол ҳамроҳ кор карда, лофи дӯстию бародарӣ занеду бароятон ба роҳбарияти корхона дастраскунии танҳо як варақаи корношоямии ҳамкоратон мушкил бошад!? Канӣ одобу мардумсолории хизматчии давлатӣ? Куҷо шуд орияти мардуми ориётабори тоҷик?

Аламовараш он аст, ки баъзе роҳбарон ба зердастони худ умуман бобати одобу ахлоқ, зоҳир намудани меҳрубонии байниҳамдигарӣ, дар мавридҳои зарурӣ дасти кумак дароз кардан ба ҳамсафону дӯстон ҳарфе намегӯянд. Баръакс, як зумра мансабдорони худкома дар фурсатҳои бароятон муносиб нисбати зердастони ҳақиқатгӯ қасдгирию душманситезиро раво мебинанд, ки ин ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки як қатор мансабдорони воломақом аз вазифаҳои хеш сӯйистифода бурда, нисбати зердастонашон таҳқиру дашномдиҳӣ мекунанд ва чунин ашхос гумон доранд, ки курсии мансаб то мавриди фавташон зери думболи онҳост, вале ҳеҷ гоҳ чунин набуду нахоҳад шуд.

Ҳар фарди солимақл бояд фаромӯш насозад, ки мо дар ин дунё абадӣ нестем ва барои ҳар як кирдори норавои хеш ҳам дар назди халқу давлат ва ҳам дар назди Офаридгори олам ҷавоб хоҳем дод.

Ҳангоме, ки мо маънои ин гуфтаҳоро хуб дарк мекунем, дар амалҳои хеш боадлу инсоф шуда, пеши роҳи худкомагиҳоро гирифта, сазовори обрӯю эътибори хоса хоҳем шуд.

Боқӣ, қазоват аз якояки мову шумост, азизон!

Мавлудномa

• 29 ИЮН •

Зиёдулло Каримов (1938-2013), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Содиқҷон Қодиров (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

• 30 ИЮН •

Беҳрӯзи Забеҳулло (1968), 55-солагии зодрӯзи шоир.

• 1 ИЮЛ •

Насибҷон Амонӣ (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Абдукарим Зарифзода (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Алихон Зарифӣ 1958), 65-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

Абӯбакр Зубайдов (1958), 65-солагии зодрӯзи сароянда, мутриб, мусиқишинос.

• 2 ИЮЛ

Хайрӣ Назарова (1928), 95-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Манзура Яъқубова (1938), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

• 3 ИЮЛ •

Муъминҷон Амонов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Алимаҳмад Боймаҳмадов (1958), 65-солагии зодрӯзи муаррих.

Вадим Зайченко (1938-2003), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

• 4 ИЮЛ •

Римма Зудерман (1948), 75-солагии зодрӯзи рассоми кино.

Ҳайрат Шанбезода (1933-2004), 85-солагии зодрӯзи шоир, журналист.

• 5 ИЮЛ •

Ҳабиба Қаҳҳорова (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Нуралӣ Валӣ (1955), зодрӯзи шоир.

Назир Мансуров (1928), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

• 6 ИЮЛ •

Қудратулло Мираков (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Давлат Султонов (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

• 7 ИЮЛ •

Мирмуъмин Абдулов (1958), 65-солагии зодрӯзи сароянда, арбоби фарҳангӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Муртазо Ҳотамов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

• 8 ИЮЛ •

Валентина Кошевая (1938), 85-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Талъат Нигорӣ (1953), 70-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

• 9 ИЮЛ •

Валерий Бирюков (1938), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

Бобо Қурбонов (1923-2004), 100-солагии зодрӯзи куҳкан, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Азиз Ҷавов (1958-1999), 65-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

• 10 ИЮЛ •

Ҷаббор Расулов (1913-1982), 110-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Раҳматулло Абдураҳмонов (1948), 75-солагии зодрӯзи наққош, Арбоби ҳунари Тоҷикистон.

Сироҷиддин Ашӯров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Мария Велихова (1943), 80-солагии зодрӯзи актриса ва коргадони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Субҳон Кошонов (1953), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Сайфиддин Мирзозода (1958), 65-солагии зодрӯзи забоншинос, муҳаққиқи забони яғнобӣ.

• 11 ИЮЛ •

Ҳабибулло Насруллоев (1938), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

Султон Усмонов (1958), 65-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 12 ИЮЛ •

Набиҷон Рабеъҷонов (1938-2008), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

Сафо Содиқов (1933-2008), 90-солагии зодрӯзи коргардони ТВ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ нест мекунем. Тел.: 904-61-43-34

ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои хонандагони синфҳои 1 то 4. Тел.: 987-53-45-75

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Усмонов Шоймардон, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, уч. Ҷӯйбодом 465, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ A01342986 ба номи Бабаханов Собирджон Саидмуродович, санаи эътибор 06.06.2018, ки аз ШВКД дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №1035730 ба номи Давлатов Панҷшер Айёмович, ки санаи 28.06.2022 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Бунёдкор 2013", РЯМ: 0410021985, РМА: 040041909, ки соли 2013 аз Нозироти андоз дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА0689252 ба номи Исломов Аслиддин Рахмонович, соли хатм 2018, ки аз ҷониби МТМУ №69-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) МИНИКА 1102Ф, №1003953, ҚДММ “Файзовар”, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, хиёбони Неъмат Қарабоев 89/3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) МИНИКА 1102Ф; №1021520; ҚДММ “Файзовар” бо суроғаи ш. Душанбе, хиёбони Раҳмон Набиев, тарафи ҷуфт 242, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) МИНИКА 1102Ф; №1021874; ҚДММ “Файзовар”, бо суроғаи ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 59 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, варақаи бақайдгирӣ №3 ба номи Домуллоҷанова Зарина Хайруллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Ганҷавӣ 392/1 (собиқ Ломоносов), аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши 1/2 ҳиссаи ҳавлии истиқоматӣ таҳти феҳристи №8Ш-4331 ба номи Домуллоҷанова Зарина Хайруллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Ганҷавӣ 392/1 (собиқ Ломоносов), ки аз 29-уми декабри соли 2010 дар нотариуси калони Идораи нотариалии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи синфи 9 Т-ШТА №0768924 ба номи Даҳагиев Осимҷон Азамшоевич, ки соли 2012 аз ҷониби МТМУ №77-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳасанова Зулфия, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, д. Чортути поён, ки соли 2009 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0087001, рақами қайд №15 ба номи Турсунова Умеда Саидмуродовна, ки соли 2016 аз ҷониби МДТ “Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии ш. Душанбе” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ A0849942 ба номи Исмоилов Раҷабали Ассоевич, ки санаи 4-уми феврали соли 2000 аз ҷониби ОВД н. Шоҳмансур (собиқ Роҳи Оҳан) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ A02095074 ба номи Акбаров Каримжон Камильевич, санаи эътибор 06.06.2019, ки аз ҷониби ШВКД-1 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии гумшуда бо суроғаи Юсуф Вафо, бинои 83, ҳ. 10, ба номи Саидмуминов Рахмонали Умаралиевич дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 23.12.2009 таҳти рақами 8ш-4892 аз эътибор соқит дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ таҳти рақами 0643354 ба номи Одинаев Ғазанфар Бекмуродович, соли хониши 2018-2019, ки аз ҷониби МТМУ №91-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Тураев Олим Сабзаалиевич, РЯМ: 3330014041, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдуллоев Сайнуриддин Кучарович, РЯМ: 3330031229, РМА: 335193671 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гоибова Назира Сафаровна, РЯМ: 0430244009, РМА: 037589549, ки дар Нозироти андоз дар н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1004, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе аз 20.06.2016 ба номи Саъдуллаева Рафоат Хоркашовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, хонаи 128, квартираи 28 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби шум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ литери 2-1/хх таҳти феҳрасти 1Ш-2014, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Икромова Фируза Баротовна бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 9Д-3251 аз 11.12.1991, ки дар Идораи нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе ба номи Ибронов Сайумрон Сайдбурҳонович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шаумян, хонаи 79 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Намояндагии ҶДММ Ром Фарма Экспорт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №0265000, РЯМ: 0120000999, РМА: 010094906, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Олами Бурд", №1, РЯМ: 0310021168, РМА: 030032964, воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гоибова Назира Сафаровна, РЯМ: 0430244009, РМА: 037589549, фаъолияташро қатъ менамояд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Communications Analyst (Job ID: 11326/FTA/NOB); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 11 July 2023 NY time (or 12 July 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Registry and Reception Clerk (Job ID: 11714/FTA/G4); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 10 July 2023 NY time (or 11 July 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst, Trade Policy (Job ID: 10968/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 11 July 2023 NY time (or 12 July 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид
United Nations Development Programme

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие вакансии для местных консультантов:

UNDP-TJK-00149 - National consultant for the promotion of added value chain production in target districts and cities of the Khatlon region; Project: “Livelihood Promotion in Tajik-Afghan Cross-border Areas” (LITACA) phase III Duty Station: Dushanbe with travel to target districts; Deadline for applications: 20 July 2023, 17:00.

UNDP-TJK-00150 - Local Consultant on elaboration of methodology for community engagement in local planning and development monitoring; Project/s: Capacity for SDG acceleration through more efficient national planning, M&E and knowledge management (PIP) and “Livelihood Promotion in Tajik-Afghan Cross-border Areas” (LITACA) phase III Duty Station: Dushanbe with travel to target districts; Deadline for applications: 20 July 2023, 17:00.

Для получения информации и документации по вышеуказанным объявлениям, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan, раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся объявления, пожалуйста пишите по указанному адресу электронной почты.


Контактные данные: Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596, 6005600; Эл.почта: procurement.tj@undp.org

Судоку


						9		
	8	6		7				4
3			1				2	
	4				1			7
5			2				3	
				4	8			
				6	7	1		
7				5		3	6	
			9					

3		1			6			
				9		1	4	3
		2						7
			5			4		1
		9	8		3		5	
7	5				2			
4		6		8		2	1	
2						8		
		3						9


Фарқиятро ёбед!



Лабиринт



Сканворд



Шавҳари “меҳрубон”

Зану шавҳаре ҳамроҳ ба пойтахти Исроил - шаҳри Иерусалим мераванд. Ҳамсари мард ногаҳон дар он ҷо вафот мекунад. Коҳин ба мард мегӯяд:

- Равон кардани ҷасади ҳамсаратон ба хона 10 ҳазор доллар арзиш дорад. Агар ӯро дар ин ҷо дафн кунед, арзишаш ҳамагӣ 100 доллар хоҳад буд.

- Ҷасади ҳамсарамро ба хона мебарам,- мегӯяд мард.

Коҳин:

- Харҷи калон чӣ лозим аст?

Марди азодор:

- Охир, Исои Масеҳро дар ин ҷо дафн карданд ва ӯ баъди се рӯз дубора зинда шуд. Намехоҳам, ки бо зани ман ҳам ин ҳодиса рӯй диҳад.

Музди миёнаи меҳнат

- Агар ба ҳисоби миёна гирем, музди меҳнат дар Тоҷикистон 800 сомонӣ аст,- мегӯяд марде ба рафиқаш.

- Ин ҳисоби миёнаро чӣ гуна муайян мекунанд?,- гаранг шуда, савол медиҳад рафиқаш ба мард.

- Мушкил нест, масалан роҳбарамон гӯшт мехӯрад, ман пиёз. Яъне, мо дар якҷоягӣ манту мехӯрем.



Шер

Шер, шоҳи ҷангал издивоҷ кард ва дар маросими тӯяш ҳама ҳайвонҳоро даъват намуд. Муше, ки дар он ҷо ҳузур дошт, зуд-зуд ба шер мегуфт:

- Тӯят муборак шавад, бародар! Тӯят муборак шавад, бародар!

Паланге аз ин гуфтаҳои муш ба хашм омаду гуфт:

- Ту чӣ хел ҷуръат карда, шоҳи ҷангалро бародар мегӯӣ? Ту кучову шер кучо?

Муш дар ҷавоб:

- Асабӣ нашав, паланг. Ман ҳам пеш аз зан гирифтанам шер будам...

Зинда

Марде ба дӯсташ занг зада, мегӯяд:

- Расул, шунидам, ки занат мошини туро зада мачақ кардааст...

Дӯсташ мегӯяд:

- Ҳа, аз мошин чизе намонд.

Мард боз мепурсад:

- Занат зиндаву саломат аст, охир?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Алҳол зинда, дар ҳаммом худашро маҳкам кардааст.

Фоидаи ҳуштак

Дар хонаи як дӯстамон, ки корманди БДА буд, меҳмон шудем. Дар авҷи суҳбат ӯ занашро фарёд кардани шуда, ду-се ҳуштаки дароз кашид. Занаш зуд ба назди ӯ омада, супоришро гирифта баргашт. Ман шӯхи кардани шуда, гуфтам:

- Ҳуштак накаш, ки пул намешавад.

Хандида, гуфт:

- Акаҷон, ман ҳама пулҳоям, ин хонаву дар ва ҳатто занамро бо шарофати ҳамин ҳуштак ёфтам.

Аз ҷавобаш завқ бурда, гуфтам:

- Мо бошем, ба ин гапҳои дурӯг бовар карда, аз пул махрум шудаем.

Зарар

- Абдулло, агар як бори дигар фарбеҳии маро масхара кунӣ, бо ҳамин тоба (сковородка) ба сарат мезанам! Фаҳмидӣ?


- Фаҳмидам.

- Чиро фаҳмидӣ?

- Фаҳмидам, ки вазни ту бар зарари ман аст.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Фоидаи ҳуштак

Дар хонаи як дӯстамон, ки корманди БДА буд, меҳмон шудем. Дар авҷи суҳбат ӯ занашро фарёд кардани шуда, ду-се ҳуштаки дароз кашид. Занаш зуд ба назди ӯ омада, супоришро гирифта баргашт. Ман шӯхӣ кардани шуда, гуфтам:

- Ҳуштак накаш, ки пул намешавад.

Хандида, гуфт:

- Акаҷон, ман ҳама пулҳоям, ин хонаву дар ва ҳатто занамро бо шарофати ҳамин ҳуштак ёфтам.

Аз ҷавобаш завқ бурда, гуфтам:

- Мо бошем, ба ин гапҳои дурӯғ бовар карда, аз пул махрум шудаем.

Сағири кулл

Як рафиқи 52-солаам барои гирифтани маълумоти дуюм ба яке аз донишгоҳҳои кишвар муроҷиат мекунад. Чун нархи тахсил барояш гарону дастнорас менамояд, ба хонуми қабулкунандаи ҳуҷҷатҳо мурочиат карда, мегӯяд:

- Наход барои калонсолон ягон тахфиф вуҷуд надошта бошад?

Хонум мегӯяд:

- Мо фақат ба онҳое, ки сағири кулл ҳастанд, 50 дарсад тахфиф дода метавонем. Шумо бояд 100 фоиз маблағро супоред.

«Довталаб» хандида, мегӯяд:

- Пас ба ман бояд 50 дарсад тахфиф диҳед, зеро ман сағири кулл ҳастам. Бовар кунед, на падарам дар ҳаёт ҳастанду на модарам...

Ростиро завол нест

Аз нафаре, ки ҳамеша дурӯғ мегуфт, пурсидам:

- Мегӯянд, ки ростиро завол нест. Пас ту чаро ҳамеша дурӯғ мегӯӣ?

Хандиду гуфт:

- Ай гумроҳ, ба мисоли овардаат дурусттар таваҷҷуҳ намо! Панддиҳанда «ростиро завол нест» гуфтааст, на ин ки «ростгӯйро».

- Яъне?

- Яъне, ин маънои онро дорад, ки сухани ростро завол нест, вале ба соҳиби сухани рост дар ин замона ҳатман завол мерасад,- гуфту аз ростгӯй фирор кард.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА